КОНСТИТУТСИЯ – ШИНОСНОМАИ МИЛЛАТ




ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС



E-mail: law.tnu.tj@gmail.com

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** № 13-14 (137-138) 5 - УМИ НОЯБРИ СОЛИ 2020, ПАНҶШАНБЕ



Савганд ба номи поки Худо, ба нону намаки мардуми шарифи Тоҷикистон, ба номи хурду бузурги ин диёри бостонӣ, ба поси хотири ҷовидонаи фарзандони фарзонаи он ва ба ҷони қариб нӯҳуним миллион шаҳрвандони Ватани маҳбубам, ки тамоми донишу таҷриба, саъю талош ва ҳастии худамро фидои ин обу хоки муқаддас, ин халқи дар ҳақиқат бузургу қаҳрамон, соҳибмаърифату тамаддунсоз, меҳрубону қадршинос, заҳматдӯсту матинирода ва Тоҷикистони соҳибистиқлолу озод месозам.

Ман ба мардуми шарифи Тоҷикистон аҳди ҷавонмардӣ медиҳам, ки тамоми ҳастии худро дар роҳи ҳифзи истиқлолу озодӣ, сулҳу оромӣ, суботи комилу пойдори сиёсӣ, сарҷамъии миллат, ваҳдати миллӣ ва пешрафту ободии Тоҷикистони азизу маҳбубамон мебахшам.

Барои ман истиқлолу озодии Ватани азизам, сулҳу оромӣ ва суботи сиёсии кишвари маҳбубам, ваҳдати миллӣ ва иттиҳоду сарҷамъии халқи бузургворам аз ҷумлаи муқаддасоти азизтарин мебошад.

Бигзор, хуршеди истиқлолу озодӣ, сулҳу суботи комил ва бахту саодат ба сари Тоҷикистон ва ҳар як хонадони мардуми шарафманди он то абад нурафшон бошад!

Эмомалӣ РАҲМОН

## ДАР ИН ШУМОРА:

ҚАДРДОНӢ — с. 2

РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ — с. 3

КОНСТИТУТСИЯ – АСОСИ СОҲИБИХТИЁРИИ ДАВЛАТ — с. 4

САРЧАШМАИ НИЗОМИ ҚОНУНГУЗОРӢ — с. 7

ЭМОМАЛӢ РАҲМОН – НАҶОТБАХШИ МИЛЛАТ — с. 8

ПИРӮЗӢ МУБОРАК, ПЕШВОИ МИЛЛАТ! — с. 9

ХИЗМАТ БА ВАТАН — с. 10

ПРАВО НА ВТОРОЙ ШАНС — с. 12

НАШ ПРЕЗИДЕНТ – НАША ГОРДОСТЬ — с. 14

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

**Муассис:**
Факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

**Сармуҳаррир:**
Эмомалӣ
МИРАЛӢ
www.law.tnu.tj@gmail.com

**Муовини сармуҳаррир:**
Ҳамза БОБОХОНЗОДА
**Муҳаррир:**
**Некрӯз САФАРЗОДА**
**Тарроҳ:**
Акмал Шарипов

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
**Раҳмон Д.С.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
**Сафарзода Б.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
**Маҳмудов И.Т.**
мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
**Абдуллоев П.С.**
муовини декан оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ;
**Сулаймонов Ф.С.**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ.

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Ватанзода М.М.**
Муовини аввали раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ.
**Имомзода М.С.**
Вазири маориф ва илми ҶТ, академики АМИ ҶТ.
**Хушвахтзода Қ.Х.**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори ДМТ,
**Тоҳиров Ф.Т.**
академики АМИ ҶТ
**Маҳмудзода М.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи гражданӣ, академики АМИ ҶТ.
**Насриддинзода Э.С.**
профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, узви вобастаи АМИ ҶТ;
**Раҳимзода М.З.**
профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, узви вобастаи АМИ ҶТ.

**ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:**
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳамаи андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи чандандешӣ ба табъ мерасонад.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ таҳти №0336/рз аз 18-уми марти соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.
Нишонии идора: ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: (+992) 907-67-20-20
(+992) 939-25-98-28
Теъдод: 1000
Навбатдори шумора:
**Миралӣ Собир**

# МАРОСИМИ САВГАНДЁДКУНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

30-уми октябри соли 2020 маросими ба иҷрои вазифаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шурӯъ намудани Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тибқи муқаррароти расмӣ баргузор гардид.

Хотиррасон бояд намуд, ки рӯзи 11 октябри соли 2020 ба тариқи интихоботи умумихалқӣ номзад аз Иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон, Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон ва Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо 90,92% овози интихобкунандагон аз нав ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуданд.

Маросими мазкур дар Қасри Миллат, Кохи Сомони бӯстонсарои шаҳрии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар майдони Дӯстии пойтахт бо савгандёдкунии афроди Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд.



Маросими ба иҷрои вазифа шурӯъ намудани Президенти кишвар дар толори оинабандии Қасри Миллат, бо супурдани шаҳодатномаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо супурдани шаҳодатнома Нишони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Эмомалӣ Раҳмон оғоз ёфт.

Дар толори Кохи Сомон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони МО ҶТ дасти рост ба болои Конститутсияи ҶТ гузошта, савганд ёд намуданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз ин лаҳза ба марҳилаи нави роҳбарии давлат расман ворид шуданд, дар назди ҳозирин суханронӣ намуданд.

Баъди анҷоми суханронӣ дар майдони Дӯстӣ ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон саф ороста, афроди Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон савганд ёд намуданд. Пас аз ин гузашти ҳарбӣ сурат гирифт.

Бо ҳамин маросими тантанавии ба иҷрои вазифа шурӯъ намудани Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки бо шукӯҳу шаҳомати хосса ҷараён дошт, ба поён расид.

Мавриди зикри хос аст, ки ин чорабинӣ дар таърихи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон бо чунин тартиб бори сеюм ҷараён гирифта, аз эҳёи боз як оини бостонии давлатдории ниёгонамон гувоҳӣ медиҳад.

**khovar.tj**

# ҚАДРДОНӢ



Таҳсили ҷавонон ва ба воя расонидани мутахассисони ба талаботи замон ҷавобгӯ яке аз ҳадафҳои асоситарини давлату ҳукумат ба шумор меравад. Дар ҳақиқат рисолати асосии мо ҷавонон донишомӯзӣ аст. Имрӯз шахси оқилу фозил қодир аст, ки бо ақлу заковат ва донишу маърифаташ ба ҷомеа манфиате биёрад, мисли табибе ки шифогари бемораш аст.

Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста ба ҷавонон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, онҳоро давомдиҳандаи кору фаъолияти насли калонсол, неруи созанда, иқтидори воқеии пешрафти давлату ҷомеа, хулосаояндаи миллат меҳисобад. Бо боварӣ метавон гуфт, ки тавассути сиёсати оқилонаи давлату ҳукумати соҳибистиқлоламон ва дастгириҳои падаронаи Пешвои миллат сафи ҷавонони соҳибмаълумоту ташаббускор ва созанда рӯз то рӯз зиёд гардида, нақши онҳо дар пешрафти тамоми соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоиёти мамлакат бештар мегардад. Аз замони Истиқлолияти давлатӣ то ба имрӯз дар назди ҷавонон масъалаҳое қарор доранд, ки дар замони ҷаҳонишавӣ ҳаллу дарки он аз ҷавонон дониши амиқ, ҷаҳонбинии замонавӣ ва муҳимтар аз ҳама, ҳисси баланди миллӣ, худогоҳиву худшиносӣ ва самимона дӯст доштани ватанро тақозо менамояд.

Бо мақсади баланд бардоштани савияи донишу малакаи наврасон, донишҷӯён ва дигар қишри ҷомеа бо ташаббуси бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон озмунҳои ҷумҳуриявӣ «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ва «Тоҷикистон ватани азизи ман» баргузор гардида истодааст.

Маврид ба зикр аст, ки донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дар озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» фаъолона ширкат варзида, донишу малака ва истеъдоди баланд нишон дода, ба даврҳои минбаъда роҳхат гирифтанд. Аз ҷумла, донишҷӯён – Маҷидзода Зафар, Раҷабзода Бунёд ва Абдусатторов Ҷасур то марҳилаи ноҳиявии озмун ширкат варзида, аз ҷониби Ректори ДМТ профессор Хушвахтзода Қ.Ҳ. бо туҳфа ва маблағҳои пулӣ сарфароз гардонида шуданд.

**Донишҷӯи соли чоруми факултети ҳуқуқшиносӣ Пирова Гулафзо дар даври шаҳрии озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», аз рӯи номинатсияи хондан ва азёд кардани осори адибони муосир миёни тамоми донишҷӯёни донишгоҳу донишкадаҳои шаҳри Душанбе ширкат варзида, сазовори ҷои дуюм гардид ва бо ҷоизаи раиси шаҳри Душанбе сарфароз гардонида шуд.**

Умед аст, ки донишҷӯёни факултаи ҳуқуқшиносии ДМТ дар марҳилаҳои минбаъдаи озмуни мазкур ва дигар озмунҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ фаъолона ширкат варзида, номи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, махсусан факултети ҳуқуқшиносиро дар байни дигар донишгоҳу донишкадаҳо боз ҳам баланд мебардоранд.

**Таҳияи**
**Миралӣ СОБИРОВ**

# КУРСИ ОМӮЗИШӢ



Аз 28-уми сентябр то 14-уми октябри соли ҷорӣ дар заминаи факултети таърихи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров аз ҷониби Донишкадаи такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон курси омӯзишии «Танзими ҳуқуқӣ-сиёсии рушди давлатдории Тоҷикистон» баргузор гардид.

Дар ин курс омӯзгорон аз Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд, Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар ш. Хуҷанд, Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд, Коллеҷи тиббии ш. Хуҷанд ба номи Исҳоқӣ Юсуф, Коллеҷи техникии ш. Хуҷанд, Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, Коллеҷи муҳандисию омӯзгории ноҳияи Ҷ. Расулов ва Коллеҷҳои тиббии ноҳияи Гулистон иштирок намуда, соҳиби диплом гардиданд.

Дар кори курси омӯзишии мазкур профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия Шарипов Т.Ш. ва унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ Солеҳова Г. иштирок намуданд.

Ёдовар мешавем, ки баргузории ин гуна курсҳои омӯзишӣ аз ҷониби Донишкадаи такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба нақша гирифта шудааст.

**Таҳияи**
**Некрӯз САФАРЗОДА**



# ОНЛАЙН-КОНФЕРЕНСИЯИ АССАМБЛЕЯИ БАЙНИПАРЛУМОНӢ

Таърихи 9-уми октябри соли 2020 ҷаласаи понздаҳуми Ассамблеяи байнипарлумонии ҷавонони давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба таври фосилавӣ, дар шакли зинда (онлайн) баргузор гардид.

Дар кори ҷаласа намояндагон аз Федератсияи Россия, Қазоқистон, Озарбойҷон, Белорус, Молдовия, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон иштирок варзида, доир ба масоили гуногуни рӯзномаи ҷаласа изҳори назар намуданд. Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ин ҷаласа Раиси Кумита оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек намояндагӣ намуда, доир ба масъалаи ҷоруми рӯзномаи ҷаласа – «Баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ дар доираи амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон» маърӯза карданд. Мавсуф иброз намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ ва хештаншиносӣ дар байни аҳолӣ, махсусан ҷавонон ташаббусҳои созандаро рӯи даст гирифта, пайваста чорабиниҳои гуногуни тарбиявӣ-ватандӯстиро баргузор менамояд. Дар раванди ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди манфиатҳо бедор намудани ҳисси ватандӯстӣ дар вуҷуди насли ҷавон заминаи асосиро барои пойдор нигоҳ доштани арзишҳои миллӣ гузошта, дар ин самт зарур аст то давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз таҷрибаи ҳамдигар ба таври васеъ биомӯзанд ва онро дар амал татбиқ намоянд.

Дар фарҷоми ҷаласа, иштирокчиён ба таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти тарбия намудани ҷавонон ва дар вуҷуди онҳо бедор намудани ҳисси ватандӯстиву ватанпарварӣ ва хештаншиносиву худогоҳӣ баҳои баланд дода, қайд намуданд, ки он бояд мавриди омӯзиш қарор дода шавад.

Тахияи
САЪДИЗОДА Ҷ.

# РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ





Бо мақсади баланд бардоштани донишҳои касбӣ ва назариявии устодон ва унвонҷӯён, махсусан олимони ҷавон дар факултети ҳуқуқшиносӣ пайваста чорабиниҳои гуногуни илмӣ баргузор мегардад, ки онҳо имконият медиҳанд то омӯзгорони ҷавон ва унвонҷӯён масъалаҳои тадқиқоти илмии худро мавриди баррасӣ қарор дода, онҳоро аз нигоҳи назариявӣ боз ҳам такмил диҳанд.

Таърихи 8-уми октябри соли 2020 бо ташаббуси кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами қонунгузорӣ оид ба рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» чунин як чорабинии илмӣ баргузор гардид, ки дар он олимон, устодон, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аспирантону магистрантон ва донишҷӯён иштирок намуданд.

Чорабинии илмӣ бо сухани ифтитоҳии декани факултети ҳуқуқшиносӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. оғоз гардид. Мавсуф иброз намуд, ки дар марҳилаи кунунӣ муносибатҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ ба таври амиқ инкишоф ёфта истодаанд ва аз олимони кишвар, махсусан олимони факултети ҳуқуқшиносӣ тақозо карда мешавад то паҳлуҳои алоҳидаи ин муносибатҳоро мавриди омӯзиши илмӣ қарор дода, оид ба танзими муносибатҳои соҳаи мазкур ва такмил додани қонунгузории соҳа андешаҳои илмии худро ба мақомоти дахлдор ирсол намоянд ва чорабинии илмии мазкур фазои хубест барои мусоидат намудан ба ин масъала.

Сипас, мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Сангинов Д. ба сухан баромада, ба тамоми иштирокчиён баҳри ширкаташон дар ҷамъомади илмӣ изҳори сипос намуд. Эшон доир ба зарурати қабул намудани Кодекси соҳибкорӣ дар ҶТ сухан ронда, қайд намуд, ки имрӯз муносибатҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ дар ҳоли рушд қарор доранд ва онҳо тавассути қонунҳои алоҳида мавриди танзим қарор дода мешаванд, аммо замоне фаро расидааст, ки қонунгузории соҳаи мазкур кадификатсия карда шавад ва ин замоне имконпазир мегардад, агар мо кодекси соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистонро қабул намоем.

Баъдан, дар асоси барномаи омодагардида маърӯзачиён баромад намуда, паҳлуҳои гуногуни масъалаҳои баррасишавандаро мавриди таҳлил қарор доданд.

Дар фарҷом байни маърӯзачиён ва иштирокчиён мубоҳисаи хуби илмӣ сурат гирифт. Изҳори умед карда шуд, ки чорабинии илмӣ барои рушди ҳуқуқи соҳибкорӣ ва такмили қонунгузории соҳа метавонад нақши амиқи худро гузорад.

Тахияи
Эмомалӣ МИРАЛӢ

# Ташаккул ва такмили қонунгузории гражданӣ





Бо ибтикори кафедраи ҳуқуқи гражданӣ санаи 17-уми октябри соли 2020 дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ семинари илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Проблемаҳои такмили механизми танзими ҳуқуқи гражданӣ дар замони муосир» баргузор гардид.

Семинари илмӣ-назариявӣ бо сухани ифтитоҳии декани факултети ҳуқуқшиносӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Раҳмон Д.С. оғоз гардид. Мавсуф ҳузури мубораки хамаи иштирокчиёнро ба кори семинар хайрамақдам гуфта, ба кафедраи ҳуқуқи гражданӣ барои ташкил намудани чунин чорабинии илмӣ изҳори сипос намуданд.

Сипас, мудири кафедраи ҳуқуқи гражданӣ профессор Ғаюров Ш.К. бо сухани муқаддимавӣ баромад намуда, вобаста ба ташаккули қонунгузории гражданӣ ва роҳҳои такмили он дар ҶТ ибрози андеша намуд.

Инчунин дар семинар беш аз 60 нафар, аз ҷумла олимон, мутахассисон, кормандони мақомоти давлатӣ, омӯзгорон, аспирантон, унвонҷӯён ва магистрон иштирок намуда, масъалаҳои рушд ва дурнамои ҳуқуқи гражданиро мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор доданд. Аз ҷумла, дар чорабинии мазкур мавзӯъҳои зерин баррасӣ карда шуданд: проблемаҳои ислоҳоти қонунгузории гражданӣ дар ҳошияи таҳрири нави лоиҳаи Кодекси граждании ҶТ, уҳдадориҳои фармоишгар дар шартномаи хизматрасонии музднокӣ байторӣ, масъалаҳои асосии қобилияти ҳуқуқдории граждании ноболиғон, танзими ҳуқуқии иштироки кӯдак дар муносибатҳои ҳуқуқи манзилӣ, аломатҳои муайян намудани ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқии мусофиркаш ҳангоми расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатии мусофир ва ғайра.



Дар охир, изҳори умед карда шуд, ки семинари мазкур дар инкишофи ҳуқуқи гражданӣ, инчунин қонунгузории соҳаи мазкур нақши худро хоҳад гузошт.

Тахияи
Азимҷон ҶУРАЕВ

# КОНСТИТУТСИЯ – АСОСИ СОҲИБИХТИЁРИИ ДАВЛАТ



Ҳумоюн ИМОМОВ
ассистенти кафедраи
ҳуқуқи конститутсионӣ

**Конститутсия ба сифати санади олии ҳуқуқӣ дар давлатҳои муосири демократӣ пазируфта шудааст. Он ҳамчун ҳуҷҷати расмии ҳуқуқӣ танзимкунандаи муносибатҳои муҳимтарини сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маънавии давлат ва ҷомеа баромад мекунад. Истилоҳи «конститутсия» аз решаи калимаи лотинии «constitutio» гирифта шуда, маънои «сохтор», «муқаррарнамоӣ», «муайянкунӣ»-ро ифода менамояд. Таърихи пайдоиш ва мавҷудияти санади конститутсиони асосан ба давраи Рими қадим мансуб дода шуда, дар он давра дар зери мазмуни он баъзе санадҳои сиёсӣ-ҳуқуқии шоҳон фаҳмида мешуданд, ки онҳо муносибатҳои ба сохтори марзӣ-давлатӣ алоқаманд, тартиби ворисии тахти шоҳӣ ва усулҳои ба тарзи идоракунии давлат вобастаро муқаррар ва танзим мекарданд.**

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақил дар санаи 9 сентябри соли 1991 худро расман соҳибистиқлол эълон намуда, яке аз ташаббусҳои арзишманди минбаъдаи худро дар таҳия ва қабул намудани конститутсияи навин медид. Хушбахтона, дар санаи 6 ноябри соли 1994 дар асоси баргузор намудани маъракаи раъйпурсии умумихалқӣ дар кишвар ва иштироки аксарияти халқи Тоҷикистон Конститутсияи навини давлат якдилона қабул карда шуд. Сохтори асосии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 боб ва 100 модда иборат гардид. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои муҳими ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, амалӣ гардонидани ҳокимияти давлатӣ, соҳибихтиёрии халқ, афзалияти инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, гуногунандешии сиёсӣ ва мафкуравӣ, бисёрҳизбӣ, волоияти Конститутсия ва қонунҳо, таъмини адолати судӣ, иштироки васеи шаҳрвандон дар идоракунии корҳои давлатӣ ва ҳаёти сиёсии кишвар ва ғайраҳо муқаррар ва мустаҳкам гардонида шуданд.

Яке аз муқаррароти муҳими Конститутсияи навин ин мустаҳкам намудани нишонаҳои муҳимтарини давлати Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Мутобиқи моддаи 1 Конститутсия «Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад». Ҳар як нишонаи ҳуқуқии давлат мазмун ва моҳияти хосеро ифода менамояд.

Аз моҳияти илми назарияи давлат ва ҳуқуқ маълум аст, ки «давлат худ ташкилоти сиёсӣ-ҳуқуқии оммаи халқ мебошад, ки барои таъмини тамомияти арзӣ, идоракунии давлатӣ, амалигардонии мақсад ва манфиатҳои ҳар як аъзои ҷомеа ва давлат таъсис дода мешавад».

Яке аз нишонаҳои хоси ба давлат мансуббуда ин соҳибихтиёрии давлатӣ мебошад. Мафҳуми «соҳибихтиёрии давлатӣ» дар давраи асрҳои миёна пайдо гардида, мазмуни ҷудо намудани ҳокимияти давлатиро аз таъсири калисо ифода менамуд. Яъне, то мустаҳкам шудани падидаи соҳибихтиёрии давлатӣ дар фаъолияти идоракунии ҳокимияти давлатӣ давлатҳо дар таъсири фаъолияти калисо ва намояндагони динӣ қарор доштанд. Маҳз ҳамин раванд боиси ба вуҷуд омадани хусусияти дунявии давлат гардида, дар амалӣ гардонидани идоракунии ҳокимияти давлатӣ фаъолияти ташкилотҳои диниро аз давлат ҷудо эътироф намуд.




Дар замони муосир соҳибихтиёрии давлатӣ яке аз нишонаҳои ҳатмии ҳар як давлат аст. Соҳибихтиёрӣ ҳамчун як хусусияти ҳокимияти давлатӣ дар мустақилият ва истиқлолияти волои давлат инъикос меёбад. Волоияти ҳокимияти давлатӣ дар дохили кишвар ва дар амалӣ сохтани сиёсати хориҷӣ дар асоси азму иродаи мустақили давлат ифода мешавад.

Дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ ҳангоми таҳлили падидаҳои конститутсионӣ-ҳуқуқӣ асосан ба мафҳумҳои «соҳибихтиёрии халқ», «соҳибихтиёрии давлатӣ» ва «соҳибихтиёрии миллӣ» бештар мароқ зоҳир карда мешавад. Аксари олимони соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ ҳар се ин мафҳумҳоро ба ҳамдигар алоқаманд меҳисобанд. Масалан, олими ҳуқуқшиноси тоҷик Имомов А.И мафҳуми соҳибихтиёрии халқро бо соҳибихтиёрии давлатӣ ва соҳибихтиёрии миллӣ зич алоқаманд донista, ба андешаи муаллиф ҳар се аз ин категорияҳо якдигарро пурра мекунанд ва таҷассуми ҳақиқии худро дар якҷоягӣ меёбанд.

Ба ақидаи Имомов А.И. «соҳибихтиёрии давлати Тоҷикистон дар хосияти ягонагӣ ва олии ҳокимияти давлатӣ, дар мустақилона муайян кардани самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ, яъне таъмини истиқлолияти давлатӣ зоҳир мегардад. Таъмини соҳибихтиёрии давлат шарти асосии нигоҳ доштани истиқлолияти он мебошад. Вазифаи олии ҳокимияти давлатӣ аз ҳифзи соҳибихтиёрии давлат ва аз таъмини рушди он иборат аст».

Ба андешаи профессор Диноршоев А.М «асоси эълон намудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр ва соҳибистиқлол ин таҳия ва қабул намудани Эъломияи соҳибихтиёрии ҶШС Тоҷикистон аз 24 августи соли 1990 ва Эъломияи соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 сентябри соли 1991 мебошанд». Муаллиф ба он назар аст, ки «эъломияҳо ҳам асоси сиёсӣ ва ҳам асоси ҳуқуқии қабул ва эълон доштани соҳибихтиёрии кишварро таъмин намуданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воситаи қабули ин санадҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ҳуқуқбунёдии худро мустаҳкам намуд».

Ба ақидаи ҳуқуқшиноси рус Авакян С.А «соҳибихтиёрии давлат дар волоияти ҳокимияти давлатӣ, ягонагии ҳокимияти давлатӣ, мустақилият ва истиқлолияти давлат инъикос карда мешавад». Ба ақидаи олимони конститутсионалисти рус Козлова Е.И. ва Кутафин О.Е. «соҳибихтиёрии давлатӣ – ин хусусияти муҳими давлат оид ба мустақилона ва соҳибистиқлол аз ҳокимияти дигар давлатҳо амалӣ намудани функсияҳои идоракунии давлатӣ дар тамоми қаламрави кишвар ва инчунин дар робитаҳои байналмилалӣ мебошад». Муаллифон соҳибихтиёрии давлатиро дар волоияти ҳокимияти давлатӣ, ягонагӣ ва соҳибистиқлолии давлат маънидод мекунанд. Барои асоснокии ақидаи пешниҳоднамудаашон муаллифон «мазмун ва моҳияти пайдоиши истилоҳи «соҳибихтиёрӣ (суверенитет)-ро аз калимаи лотинии «supraneitas», (аз «supra» волоият) ба маънии ҳокимияте медонанд, ки хусусияти он волоият ва эътибори олидошта аст».

Дар адабиёти ҳуқуқи конститутсионӣ дар баъзан мавридҳо олимони соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ ҳангоми таҳлили илмӣ, соҳибихтиёрии давлатро аз соҳибихтиёрии ҳокимияти давлатӣ фарқ менамоянд. Аммо, профессор Авакян С.А ба чунин ақидаи пешбаришуда, зид баромад намуда, қайд менамояд, ки «агар давлат соҳибихтиёр бошад, пас мақомотҳои ҳокимияти давлатии он низ соҳибихтиёр аст. Зеро ба андешаи муаллиф соҳибихтиёрии мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ аз соҳибихтиёрии худи давлат маншаъ мегиранд. Муаллиф ба он назар аст, ки ҷудо намудани соҳибихтиёрии ҳокимияти давлатӣ аз соҳибихтиёрии давлат аз назари назариявӣ нодуруст аст. Вобаста ба мустақилияти мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ аз якдигар дар асоси амалӣ намудани принсипи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ин соҳибихтиёрӣ дар функсияҳо ва вазифаҳои онҳо муайян ва муқаррар карда мешаванд».

Волоияти ҳокимияти давлатӣ дар он зоҳир карда мешавад, ки ин ҳокимият танҳо аз тарафи давлат тибқи муқарраррот ва мустаҳкамияти конститутсия ва меъёрҳои санадҳои дигари ҳуқуқӣ муносибатҳои сохтори ҷамъиятиро маҷмӯан танзим намуда, барои таъмини қонуният, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ инчунин, тартиби муқаррар кардани ҳадди ҷавобгарии ҳуқуқӣ мусоидат менамояд. Ягонагии ҳокимияти давлатӣ мазмуни онро дорад, ки дар амалӣ гардонидани ҳокимияти давлатӣ дар тамоми қаламрави давлат моҳияти ягонаи идоранамоӣ ва истифодаи шаклҳо ва методҳои якхела зарур аст. Ғайр аз ин ягонагии ҳокимияти давлатӣ тақозои онро мекунад, ки дар амалӣ сохтани идоракунии давлатӣ салоҳиятҳои мақомотҳои давлатӣ тақсим карда шуда, онҳо дар асоси таҷзияи ҳокимияти давлатӣ миёни худ робита ва ҳамкорӣ намоянд.

Мустақилият ва истиқлолияти ҳокимияти давлатӣ дар он ифода карда мешавад, ки дар асоси муқарраротӣ муайяншудаи ҳокимияти давлатӣ мақомотҳои давлатӣ аз рӯйи функсияҳои ба онҳо тааллуқдошта корҳои давлатӣ ва ҷамъиятиро мустақилона иҷро менамоянд. Дар иҷро намудани функсияҳои мустақили худ мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ аз дигар ниҳодҳои раванди ҳокимиятӣ, ба монанди ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои ҷамъиятӣ, мақомотҳои худидораи маҳаллӣ инчунин аз давлатҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ вобаста намебошанд.

Бояд қайд намуд, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақилият ва соҳибистиқлолии ҳокимиятро кафолат дода, дар қисми 5 моддаи 6 ғасби ҳокимият ва ё тассаруфи салоҳияти онро манъ намудааст. Дар асоси меъёри конститутсионии зикршуда қонунгузории ҷиноятии кишвар барои содир кардани кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ ва ба ҷамъият хавфноки хусусияти ғасб намудани ҳокимияти давлатӣ ва ё тассаруф намудани салоҳияти он ҷавобгарии ҷиноятии махсусан вазнин муқаррар намудааст.

Мутобиқи моддаи 11 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад «Тоҷикистон сиёсати сулҳҷӯёнаро ба амал татбиқ намуда, соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти дигар давлатҳои ҷаҳонро эҳтиром менамояд ва муносибатҳои хориҷиро дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ муайян мекунад».

**Моҳияти соҳибихтиёрии халқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин молики ҳақиқии воситаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ-ҳуқуқӣ будани халқро ифода мекунад. Маҳз аз миёни субъектони зиёди муносибатҳои конститутсионӣ-ҳуқуқӣ нақш ва иштироки халқ дар амалӣ гардонидани ҳокимияти умумидавлатӣ бениҳояд калон аст.**

**Ба воситаи маъракаҳои сиёсӣ-ҳуқуқии интихобот ва раъйпурсӣ халқ ифодаи иродаи худро амалӣ сохта, барои инкишоф ва рушди ояндаи давлат саҳми беназир мегузоранд.**

**Ба ҳамин тариқ, соҳибихтиёрии давлатӣ ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ-конститутсионӣ, хусусияти хоси давлат ва воситаи муҳими амалӣ намудани сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ эътироф гашта, ба воситаи меъёрҳои Конститутсия муқаррар ва мустаҳкам гардонида мешавад. Конститутсия нақши бунёдиро дар таъмини соҳибихтиёрии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро намуда, ба кишвар имкони иштирок намудан дар муносибатҳои байналмилалӣ ҳамчун субъекти озод ва мустақилро медиҳад.**

# КОНСТИТУТСИЯ ВА ИНКИШОФИ ДАВЛАТДОРӢ

**Халқи тоҷик пас аз ҳазор соли бедавлатӣ имрӯз соҳиби давлат, забон, фарҳанг ва арзишҳои муҳими давлатдорӣ мебошад. Дар ин бобат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карда буданд, ки «Агар ба шикасти давлати бузурги Сомониён парокандагии миллат сабаб гардида бошад, пас ба парокандагии баъдинаи он набудани давлат сабаб шудааст».**

Пас аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи кишвари азизи мо ба сӯи оянда боз ҳам дурахшонтар гардид. Дар ин давра, халқи шарафманди мо тавонист ба дастовардҳои зиёде ноил гардад, ки яке аз онҳо ин қабули Конститутсия мебошад. Ин санади басо ҳам муҳиму тақдирсози миллат муайянкунанда ва кафолатдиҳандаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб рафта, муаррифгарӣ мо дар сатҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ махсуб меёбад. Билохира, 6 ноябри соли 1994 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ Конститутсияи ҶТ қабул гардид. Маҳз ҳамин Конститутсия ифодагар ва эъмори давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона гардида, муайян намуд, ки дар ҶТ халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ мебошад. Бояд тазаккур дод, ки ҳанӯз дар моддаи 1 Эъломияи истиқлолияти ҶШС Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ ва ҳуқуқбунёд будани Тоҷикистон қайд гардида буд, вале ин меъёр он қадар таъмингари ин гуфтаҳо шуда наметавонист. Вале пас аз қабули Конститутсияи соли 1994 ин меъёрҳо ба таври расмӣ эълон гардида, дар моддаи 1 мустаҳкам гардонида шуд.

Дар партави Конститутсияи соли 1994 мамлакат дорои як қатор қонунҳои наву сарнавиштсоз гардид, ки муҳимтарин муносибатҳои ҷамъиятиро танзим менамоянд. Баъди оне ки Конститутсия дар тарҳи нав соли 1994 қабул гардид, Пешвои миллат иброз доштанд, ки рӯзи 6 ноябри соли 1994 дар таърихи ҶТ як воқеаи бузург ба вуқӯъ пайваст. Халқи тоҷик дар таърихи чандинҳазорсолаи давлатдориаш бори аввал Конститутсияи комили хешро қабул намуд. Ҳар як моддаву меъёри он баҳри ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, густурдатар гардонидани пояҳои давлатдорӣ ва муҳайё намудани шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодона барои ҳар як инсон бахшида шудаст.

Ҳамин тариқ, пас аз соҳибихтиёрӯ соҳибистиқлол гардидани ҶТ қонуният хусусияти конститутсионӣ гирифта, иҷроиши он батадриҷ устувор гардид ва мавқеву манзалати худро дар ҷомеа пайдо намуд. Конститутсияи айни замон амалкунанда дар моддаи 10 пешбини менамояд, ки давлат ва ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо уҳдадоранд Конститутсия ва дигар қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд. Аз ин рӯ, ҳар қадар солҳо моро аз қабули ин санади тақдирсоз дур бубарад ҳамон қадар аҳамияти он дар замони муосир мазмуну моҳияти навро касб менамояд ва ҳамчун ифодагари азму ирода ва нияту оромонҳои неки инсонӣ ва равшангари роҳи пешрафти ҳаёти ҷомеа мегардад.



Конститутсия ҷумҳуриамонро давлати ҳуқуқбунёд эълон намудааст. Асоси давлати ҳуқуқбунёдро ҳукмронии ҳуқуқ ва волоияти қонун ташкил медиҳад. Маълум аст, ки пешрафти давлатҳои муосир бе ҳуқуқ ғайриимкон аст. Давлате, ки дар он шаҳрвандонаш дорои маданияту маърифати ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқӣ нестанд, онро давлати ҳуқуқбунёд ном бурдан мумкин нест. Бо ноил шудан ба истиқлолият ва қабули Конститутсия дар Тоҷикистони азиз, шуури ҳуқуқии аҳолӣ низ тағйир ёфт ва рушд кард. Халқи тоҷик дар қонунофаринию



**Далер РАҲМОН**
**судяи суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе**

давлатдорӣ ва худшиносию худогоҳии миллӣ таҷрибаи куҳан дорад ва маҳз ҳамин буд, ки Тоҷикистон ба ин қадар пешравиҳо расид.

Конститутсия санаде мебошад, ки дурнамои инкишофи давлатро муайян мекунад ва он барои садсолаҳо қабул гардида, дар он вазифа, мақсад ва пешрафти ҷомеа барои ояндаи дур муқаррар карда мешавад. Қисмати муқаддимавии Конститутсияро ба инобат гирифта, риоя ва иҷрои меъёрҳои ин қонуни асосии давлатро сарманшаи кори худ қарор дода, сарсупурдаи ин ҳуҷҷати сарнавиштсоз мегардем ва бори дигар ба ҷаҳониён собит менамоем, ки рисолати таърихии ин миллат созандагист.



**Комёр ИСОЕВ**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ**

# ТАМОЮЛИ ТАҒЙИР ЁФТАНИ МАҚОМИ СУД ДАР РАВАНДИ ИСБОТКУНӢ

**СУДЯ ИН СУХАНРОНИ ҚОНУН АСТ.**
**Ситсерон**

Воқеан, суд ҳамчун иштирокчии марказии мурофиаи ҷиноятӣ дар ҷараёни исботкунӣ нақши муассир дорад.

Тамоюли тағйир ёфтани нақш ва салоҳияти мурофиавии суд дар ҳуқуқи исботкунӣ феълан баръало ба назар мерасад. Ин ҳам бошад, дар асоси вусъат ёфтани принсипи мубоҳисавӣ ва баробарии тарафҳо, ҳамчунин ворид шудани баъзе меъёрҳои чадид ба Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ сурат гирифта истодааст. Бешубҳа, ин тамоюл аллакай дар назарияи мурофиаи ҷиноятӣ оқибатҳои гуногуни ҳуқуқиро ба миён овардааст ва «кор» ҳатто то ба ҷое расидааст, ки масъалаи субъекти исботкунӣ будан ё набудани суд зери шубҳа қарор гирифтааст.

Дар заминаи гуфтаҳои боло ва мавриди омӯзиш қарор додани монографияҳо ва мақолаҳои гуногуни илмӣ, муаллиф мавқеи олимонро дар бобати мақом ва манзалати суд дар раванди исботкунӣ шартан ба 3 гурӯҳ ҷудо менамояд:

1) олимоне, ки фаъол будани судро дар исботкунии мурофиавӣ ҷонибдорӣ менамоянд. Яъне, суд салоҳияти ба роҳ мондани унсурҳои исботкуниро (ҷамъ овардан, тафтиш ва баҳо додани далелҳоро) доро мебошад;

2) олимоне, ки қисман фаъол будани судро ҷонибдорӣ менамоянд. Моҳияти ақидаи олимони гурӯҳи дуюм дар он ифода меёбад, ки суд уҳдадор нест, ки далелҳоро ҷамъоварӣ ва тафтиш намояд;

3) олимоне, ки ғайрифаъол будани судро дар ҷараёни исботкунӣ ҷонибдорӣ менамоянд. Яъне, суд на танҳо уҳдадор нест, ки далелҳоро ҷамъоварӣ ва тафтиш намояд, балки ҳуқуқ надорад, ки ин амали мурофиавиро анҷом диҳад.

Аз ҳамин хотир, муаллиф зарур мешуморад, ки ақидаи олимону муҳаққиқонро марбут ба ин масъала манзур намояд.

Гурӯҳи I. Мурофиачии варзида М.С. Строгович ва ба сифати яке аз элементҳои (унсурҳои) принсипи мубоҳисавӣ фаъол будани судро нисбат ба тарафи айбдоркунӣ ва ҳимоя мебинад. Ба андешаи Л.Д. Кокарев дар муқаррар кардани ҳақиқат нақши суд набояд коҳиш ёбад, вагарна ҳақиқат дар муҳокимаи судӣ пойдор намегардад. Фаъол будани суд дар исботкунӣ аз оммавӣ будани нақши суд дарак медиҳад. Аз ин ҷост, суд ҳуқуқ пайдо менамояд, ки далелҳоро ҷамъоварӣ, тафтиш ва баҳодиҳӣ намояд ва ин зоҳиршавии фаъоли суд пеш аз ҳама, баҳри таъмини мубоҳисаи адолатнок равона мегардад.

Ғайр аз ин, олимони дигаре низ мисол овардан мумкин аст, ки ҷонибдори фаъол будани суд дар ҷараёни исботкунӣ буда, судро ҳамчун субъекти уҳдадории исботкунӣ қабул медоранд.

Вале, ақидаи олимони номбурда дар шароити кунунӣ аз ҷониби аксарияти мурофиачиён дастгирӣ карда намешавад.

Гурӯҳи II. Ҷонибдорони гурӯҳи дуюм ва сеюм вақтҳои охир афзоиш ёфта истодаанд. А.Р. Белкин роҷеъ ба нақши суд дар раванди исботкунӣ чунин навиштааст: «Бояд иқрор шуд, ки мавриди амал қарор гирифтани принсипи мубоҳисавӣ ва баробарии тарафҳо уҳдадории исботкунии судро ба ҳуқуқи исботкунии суд табдил дод».

Гурӯҳи III. Бо дарназардошти тағйир ёфтани вазифаҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ (мувофиқи Кодекси мурофиавии ҷиноятии амалкунандаи Федератсияи Русия таъиноти мурофиаи судии ҷиноятӣ ном бурда мешавад) В.С. Шадрин чунин меҳисобад: «дар шароити имрӯза ба зиммаи суд гузоштани уҳдадории муқаррар кардани ҳамаи ҳолатҳои содиршавии ҷиноят, ҷамъ овардани далелҳои сафедкунанда ва айбдоркунанда ва муқаррар кардани ҳақиқат, ки чун қоида вазифаи мақомоти таъқиботи ҷиноятӣ пазируфта мешавад, бар хилофи принсипи мубоҳисавӣ ва баробарии тарафҳо мебошад».

Хулосаи ба ин шабеҳро С.А. Тумашов пешниҳод мекунад: «Ба зиммаи суд гузоштани уҳдадории ҷамъ овардани далелҳо бар хилофи принсипи мубоҳисавӣ ва баробарии тарафҳо арзёбӣ мешавад. Уҳдадории ҷамъ овардани далелҳо бояд ба тарафҳо (тарафи айбдоркунӣ ва ҳимоя) вогузор карда шавад. Вазифаи асосии суд бошад, ин дар асоси принсипи мубоҳисавӣ ҳаллу фасл намудани парвандаи ҷиноятӣ маҳсуб меёбад».

С.Б. Ромазин бар он ақида аст, ки суд наметавонад бо ташаббуси бевоситаи худ далелҳоро ҷамъоварӣ намояд, чунки дар ин сурат, суд ба мавқеи яке аз тарафҳо гузашта, дар натиҷа ба иштибоҳҳои гуногуни мурофиавӣ оварда мерасонад.

Аз як ҷониб, бо дарназардошти такмил ёфтани принсипи мубоҳисавӣ ва баробарии тарафҳо мақоми суд дар исбот кардани ҳолатҳои барои парванда муҳим, муқаррар кардани ҳақиқат коҳиш ёфтааст. Аз ҷониби дигар, КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон то кунун судро чун субъекти уҳдадории исботкунӣ қабул медорад ва ин муқаррарот дар моддаи 86 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст. Тибқи ин модда, суд ҳуқуқ дорад, ки далелҳоро ҷамъоварӣ намояд. Ё ин ки, тибқи моддаи 323 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон суд, судя зарурати азназаргузаронии ягон бино ё маҳалро эътироф намуда, онро бо иштироки тарафҳо аз назар мегузаронанд. Суханони зикршуда, бозгӯи он аст, ки суд дар муқаррар намудани ҳақиқат ва исбот гардидани ҳолатҳои барои парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдошта, нақши муҳим дорад.

Мавқеи муаллиф дар он зоҳир мегардад, ки фаъолияти суд дар раванди исботкунӣ набояд фаъол ба роҳ монда шавад. Чунки рисолати асосии суд дар ҳаллу фасли парванда ва баровардани ҳукми қонунӣ, асоснок ва адолатнок ифода мегардад.

# ТАШАККУЛИ ҲОКИМИЯТИ СУДӢ



Абдулҳамид И.
судяи суди ноҳияи
Синои шаҳри Душанбе

Пойдории давлат ва бақои он ба адолати судӣ эҳтиёҷ ва пайвасти ногусастанӣ дорад. Ин омили муайянкунанда моро вазифадор месозад, ки ҳокимияти судиро пайваста таҳкиму тақвият бахшем ва густариш диҳем.

Давлати Тоҷикистон 9 сентябри соли 1991 истиқлолияти худро эълон намуда, ҳамчун узви комилҳуқуқи муносибатҳои байналмилалӣ дар арсаи ҷаҳонӣ бо таъриху фарҳанги тамаддунсоз дар назди оламшумулаш шинохта шуд. Ин санаи тақдирсоз дар назди давлати нав таъсиси соҳибихтиёр анҷом додани тадбирҳоеро тақозо менамуд, ки бояд бо ҳама хусусиятҳояш ҷавобгӯи талаботи муносибатҳои муосири байналмилалӣ буда, дар қатори давлатҳои пешрафта бо рисолат давлатдорӣ ва пойдории худ ҷой дошта бошад.

Бо ҳукми тақдир имрӯз ба мо муяссар шудааст, ки орзуву ормони деринаи миллати тоҷикро амалӣ сохта, ба бунёди давлати мустақили Тоҷикистон қадами устувор гузорем. Дар охири асри XX миллати куҳанбунёди тоҷик соҳиби давлати мустақили миллӣ шуд, ки мо 29-солгарди ин дастоварди бузурги таърихиро ҳамчун муқаддасоти умумимиллӣ таҷлил намудем.

Муваффақияти назаррас баъд аз ба даст овардани Истиқлолият қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки он дар таърихи сиёсию ҳуқуқии кишвар саҳифаи навро боз намуд. Ин санад таҷассумгари соҳибихтиёрии халқу миллат буда, мардуми кишвар бо дастирӣ аз сиёсати хирадмандона ва ояндабинонаи Асосгузори сулҳу ваҳдат миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуни асосии худро бо тариқи райпурсии умумихалқӣ қабул карда, дар он иродаи худро дар хусуси давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона будани Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода намуд.

Бо мақсади такмили низоми сиёсӣ ва давлатии кишвар, амиқ гардонидани унсурҳои демократӣ дар ҷомеа, такмили тартиби таъмини кафолатҳои ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд, фароҳам овардани асосҳои конститутсионии инкишофи минбаъдаи иқтисоди озод ва соҳибкорӣ ва бо назардошти ба вуқуъ пайвастани дигаргуниҳои куллӣ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангию сиёсӣ, ки дар таъмини суботу оромии баргаштнопазири ҷумҳурӣ ифода меёбад, дар асоси афкори мардуми кишвар ба Конститутсияи мамлакат се маротиба 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 26 майи соли 2016 тағйироту иловаҳо ворид карда шуд.

Дар роҳи демократикунонии муносибатҳои ҷамъиятӣ қонунҳо дар самтҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ бо Конститутсия мутобиқ гардонида. Дар ин равия як қатор қонунҳои нав, аз ҷумла доир ба фаъолияти мақомти судӣ, қонунҳои конститутсионӣ “Дар бораи сохтори судӣ”, “Дар бораи судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Дар бораи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Дар бораи судҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Дар бораи судяҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” қабул гардида, дар онҳо вазифаҳо, салоҳиятҳо, ҳайати судҳо, талабот ба судяҳо, кафолати соҳибихтиёрии онҳо, тартиби интихобу таъин шуданашон, вазъияти иҷтимоӣ ва моддии судяҳо, масъулияту ҷавобгарариашон ва дигарҳо пешбинӣ гардида буд. Принсипи мустақилияти судяҳо дар қонунҳои номбурда баён гардида, танҳо аз ҷониби судҳо амалӣ намудани адолати судиро ифода мекард.

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 19 апрели соли 2019 №1242 оид ба тасдиқи барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2020 идомаи барномаҳои пешинаи ислоҳотӣ-судӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон, ки ба паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 26 декабри соли 2018 асос ёфта, амалисозии тадбирҳои заруриро ҷиҳати боз ҳам таҳким бахшидани ҳокимияти судҳо, хадамоти иҷро, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ пешбинӣ менамояд.

Мақсад аз таҳияи барномаи мазкур тақвият бахшидан ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳокимияти судиро шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ муайян намудааст, ки дар таъмини адолати иҷтимоӣ, таҳкими қонуният ва рушди ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд нақши муҳим дорад. Такмил бахшидан ба сохтор ва таҳкими фаъолияти судҳо ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилотҳо, қонунияту адолат, назорати иҷрои саривақтии санадҳои судӣ, баланд бардоштани сифат ва самаранокии кори судҳо, беҳтар намудани вазъи иҷтимоии судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо, инчунин такмили қонунгузорӣ дар ин самт мебошад.

Омӯзиши қонунгузории давлатҳои хориҷӣ собит намудааст, ки баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати соҳибкоронӣ инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ вобаста ба амалигардонии фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ ба тобеъияти судҳои иқтисодӣ мансуб дониста шудааст.

Бо мақсади иҷрои саривақтии санадҳои судӣ ва санадҳои мақомти дигар, бартараф намудани норасоиву мухолифатҳо дар қонунгузории танзимкунандаи истеҳсолоти иҷро, такмили тартиби иҷрои маҷбурии санандҳои иҷро, аз ҷумла бо дарназардошти хусусияти амалҳои иҷро ва ҳалли дигар масъалаҳои соҳа, зарур аст, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи истеҳсолоти иҷро” дар таҳрири нав таҳия ва қабул карда шавад.

Ҷиҳати такмили сохтор ва беҳдошти шароити моддию техникии судҳо, вазъи иҷтимоии судяҳо ва кормандони судҳо баён менамоем, ки кори судя ба масъулияти баланд ва сарбории зиёди ҷисмониву ақлонӣ вобаста буда, бар замми ин, сол ба сол шумораи парвандаҳои судӣ ба таври назаррас меафзояд. Бинобар ин, ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии кори судяҳо, беҳтар гардонидани сифати баамалбарории адолати судӣ, дар муҳлати муқарраргардида баррасӣ кардани парванда ва мурочиатҳо ба мақсад мувофиқ аст, ки масъалаи ҷорӣ намудани мансаби ёрдамчии судяи Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ дар доираи маблағҳои мавҷуда ва воҳидҳои кории амалкунанда мавриди омӯзиш қарор дода шавад.

Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2020 дар таҳкими минбаъдаи ҳокимияти судӣ, баланд бардоштани нақш ва мавқеи он дар ҷомеа, мустаҳкам гардидани мустақилияти судяҳо, зиёд шудани масъулияту ҷавобгарии онҳо ва таъмини минбаъдаи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд такони ҷиддие мебахшад.




# ҶАВОНОН – ПАЙРАВИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ



Исломҷон ЗИЁВАДДИНОВ
магистри соли 1

Воқеан, барои пеш бурдани кору пайкори гузаштагони худ барои ҳар як халқияту миллат нақши ҷавонон басо созгор мебошад. Ҳанӯз аз аввали ба сари ҳокимият омадани хеш Асогузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин қишри ҷомеа таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, баҳри таҳкими сиёсати давлатии ҷавонон тамоми имкониятҳои мавҷударо сафарбар намуда, ин иқдомоти наҷиби хешро то ҳол идома дода истодаанд, ки ин боиси дастгирист. Зеро барои таҳкими сиёсати давлатдорӣ ва бунёди давлатдории миллӣ, тақвият бахшидан ба соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон нақши калидӣ дорад. Чунин ҳолатро ба инобат гирифта Ҳукумати кишвар ҳанӯз аз солҳои соҳибистиқлолии кишвар як қатор барномаву консепсияҳо ва қонунҳои соҳавиро қабул намудааст, ба монандӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонони Тоҷикистон то соли 2020 ва ғайра.

Таъсис додани ҷоизаи бо номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавон, стипендияҳои президентӣ, таъсис додани Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъсис додани Шӯрои миллии кор бо ҷавонон дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъсис додани квотаҳои президентӣ, эълон гардидани соли 2017 ҳамчун «Соли ҷавонон» ва дигар иқдомоти хирадмандона ва ҷавонпарваронаи Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти сиёсати давлатии ҷавонон марҳила ба марҳила идома дорад, ки ин ҳама шоёни таҳсин мебошад

Санаи 30-юми октябри соли 2020 дар маросими савгандёдкунии хеш дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон бори дигар аз пуштибонӣ намудани хеш аз ҷавонон ёдрас шуда, чунин иброз намуданд: «Мо ба ҷавонони даврони истиқлол эътимоди бузург дорем ва барои онҳо тамоми шароиту имкониятҳои заруриро фароҳам месозем, ки ҷавонони мо ҳамчун наслиояндасоз зимоми фардои давлат, Ватан ва халқи худро ба даст гиранд, сарзамини аҷдодиро соҳибӣ кунанд, онро обод созанд, яъне кори моро ба хотири пешрафту ободии Тоҷикистони маҳбубамон идома диҳанд». Ин садоқату боварӣ мо ҷавононро хеле рӯҳбаланд намуда, масъулияти моро дучанд гардонид. Дар воқеъ, ба мо ҷавонон бори дигар маълум гардид, ки мо зери таваҷҷуҳи ҳамешагии роҳбарияти олии давлату ҳукумат қарор доштаем. Мо ҷавонони содатманди диёри нозанин ваъда медиҳем, ки сазовори эътимоди боварии Пешвои миллат гардида, баҳри пешрафт ва шукуфоии Ватани азизамон саҳмгузор буда, ҷонибдори сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буда, баҳри дар амал татбиқ гардидани он ҳамеша мекушем. Зеро имрӯзҳо баҳри мо ҷавонон тамоми имконоту шароити мавҷудаи беҳтарин баҳри аз худ намудани илмҳои замони муосир, забонҳои хориҷӣ, касбу ҳунаромӯзӣ фароҳам оварда шудааст.

Мо ҷавонон гӯшаи нангем, тинҷиву оромӣ, сулҳу суббот, марзу буми аҷдодӣ, фарҳангу забони модарӣ, Истиқлолияти давлатӣ ва ваҳдати миллиро бо тамоми ҳастӣ ҳифз намуда, баҳри бунёди ҷомеаи демокративу ҳуқуқбунёд фарзандонаву содиқона хизмат менамоем. Аз ҳамаи ҷавонони хуштолеъ даъват ба амал меоварем, ки худро аз ҳаргуна хатарҳои ҷаҳони муосир, аз он ҷумла, тақлидкорӣ ба фарҳанги ғайр, пайравӣ намудан ба зуҳуротҳои номатлуб, аз қабили терроризму экстрмизм ва ғайра эмин нигоҳ дошта, баҳри пешрафти Ватани азизамон саҳмгузор бошанд.

# КОНСТИТУТСИЯ – ҚОНУНИ АСОСИИ ДАВЛАТ

### Истиқлолият – заминаи қабул гардидани Конститутсияи навин

9 сентябри соли 1991 эълон гардидани Истиқлолияти давлатӣ дар ҶТ ба ҳаёти сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд овард. Сохти давлатӣ, шакли идоракунии давлат, низоми сиёсӣ, мазмун ва моҳияти ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд ва дигар муносибатҳои мавҷуда дигаргун шуданд. Эълони Истиқлолияти давлатӣ ва ба марҳилаи сифатан нави рушд ворид гардидани Тоҷикистон зарурати таҳия ва қабули Конститутсияи нави Тоҷикистонро ба миён овард, зеро таъмини Истиқлолияти давлатӣ ва рушди бомароми кишвар бидуни Конститутсияи нав ғайриимкон буд.

### Муносибатҳое, ки Конститутсия танзим мекунад

Ба муносибатҳои муҳимтарини ҷамъиятӣ, ки конститутсия онҳоро ба танзим медароранд, муносибатҳои ҷамъиятие дохил мегарданд, ки пояҳои асосии давлатдорӣ дар асоси онҳо бунёд шудаанд. Ба чунин муносибатҳо дохил мешаванд:

а) асосҳои сохтори конститутсионӣ;

б) ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд;

в) тартиби ташкил ва фаъолияти мақомоти олӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;

г) муносибатҳои дигари ҷамъиятӣ, ки бояд дар сатҳи конститутсия ба танзим дароварда шаванд.

### Хусусиятҳои миллии Конститутсия

Ин андеша собит менамояд, ки Конститутсияи ҳар як давлат хусусияти миллӣ дошта,

– якум, бо дарназардошти шароити миллӣ қабул мешавад;

– дуюм, барои ифода ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ мусоидат мекунад;

– сеюм, барои амалӣ гардидани меъёрҳои конститутсионӣ дар шароити мушаххаси таърихӣ кӯмак мекунад.

Дар Конститутсия ғояҳои пешқадами миллӣ, ҷамъиятиву сиёсӣ ва усулҳои давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, таъмини пурраи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, гуногунандешии сиёсиву идеологӣ таҷассуми худро пайдо намуданд.

### Конститутсия ва рушди демократия дар Тоҷикистон

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди давлати демократӣ замина гузошта, хусусиятҳои хоси худро доро мебошад, чунончи:

1. Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад, ки тибқи он орзуву омоли гузаштагони мо ҷомаи амал пӯшид, зеро барои расидан ба истиқлоли комил халқи мо роҳи тӯлонии таърихиро паси сар намудааст;

2. Санади муҳимми сиёсиву ҳуқуқӣ, аввалин ҳуҷҷати сатҳи олии кишвар мебошад, ки на аз номи халқ, балки аз ҷониби худи халқ бо дарки масъулияти баланд ва бо умеди бунёди ҷомеаи адолатпарвар тавассути баргузории раъйпурсӣ қабул ва эълон гардидааст;

3. Дар Конститутсия давлати демокративу дунявӣ ва ягона будани Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардида, дар заминаи он принсипҳои демократӣ, ба монанди эътирофи халқ ҳамчун баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ, иштироки озодонаи ҳар шахс дар идоракунии давлат, афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, гуногунандешии сиёсӣ ва дигар падидаҳои нодири демократӣ таҷассуми худро пайдо намуданд;




4. Бори аввал дар сатҳи Конститутсия эътироф шудани забони тоҷикӣ ба ҳайси забони давлатӣ имкон дод, ки арзишҳои миллию фарҳангии миллати тоҷик эмин нигоҳ дошта шуда, ба эҳёи дубораи забони тоҷикӣ шароити мусоид фароҳам оварда шавад. Дар ин замина забони тоҷикӣ дар кишвар рушд ёфта, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз соли 2009 дар таҳрири нав қабул карда шуда, вазъи ҳуқуқии забони давлатӣ ва истифодаи онро дар кишвар танзим намуда, мақоми махсуси ваколатдор дар ин соҳа – Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд;

5. Қонуни асосии кишвар меъёри муҳим, яъне арзиши олӣ эътироф шудани инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ (м. 5) дарҷ гардидааст, ки ин меъёри умумипазируфташудаи ҷомеаи башарӣ ба Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, ки имрӯз таърихи зиёда аз 70 сола дорад, Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ва дигар санадҳои байналмилалӣ такя мекунад;

6. Дар Конститутсия аввалин маротиба шакли идораи ҷумҳурии президентӣ якдилона пешбинӣ карда шуд ва интихоби ин шакли идоракунӣ дар тӯли даврони соҳибистиқлолии мамлакат борҳо собит сохт, ки он ҷавобгӯйи мақсаду мароми халқи кишвар буда, пешбаранда ва ташаккулдиҳандаи ғояву ақидаҳои миллӣ ва ҳифзкунандаи арзишҳову дастовардҳои мардумӣ мебошад;

7. Дар сатҳи Конститутсия амалӣ гардидани ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ муқаррар карда шуда, ин меъёр имкон дод, ки шохаҳои ҳокимияти давлатӣ дар асоси принсипи боздорӣ ва мувозинат, мустақилона бидуни дахолат ба фаъолияти ҳамдигар ташаккул ёфта, ба нафъи ҷомеаи Тоҷикистон хизмат намоянд.



Ҷаъмахон ҶАМОЛЗОДА,
корманди дастгоҳи
суди ноҳияи Фирдавсӣ

# САРЧАШМАИ НИЗОМИ ҚОНУНГУЗОРӢ



Исматулло РАҶАБОВ,
ассистенти кафедраи
ҳуқуқи байналмилалӣ

Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон тавассути Конститутсияи соли 1994 аз нигоҳи ҳуқуқӣ ба расмият дароварда шуд. Роҳу равиши зиндагӣ ва тартибу усули рушди конститутсионӣ баъди қабули Конститутсияи соли 1994 бори дигар собит намуд, ки ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии кишвар берун аз чаҳорчубаи Конститутсия наметавонад орому пурмаҳсул ҷараён гирад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон санади муҳими ҳуқуқӣ ва сиёсӣ мебошад, ки қувваи олии ҳуқуқӣ дорад. Он асоси ҳуқуқии ҳаёти ҷомеа буда, доираи васеи муносибатҳои ҷамъиятиро ба танзим медарорад. Конститутсия принсипҳои роҳбарикунандаро муқаррар мекунад, ки мутобиқи онҳо сохтори давлатӣ муайян шуда, вазифаҳои дар назди давлат гузоштташуда амалӣ карда мешаванд. Он масъалаҳои ташкил ва фаъолияти ҳокимияти давлатӣ, ҳалли ҷараёнҳои мухолифпазири ҷомеа ва таҳкими асосҳои тартиботи ҷамъиятиро ба танзим медарорад.

Конститутсияи соли 1994 нисбат ба вазифаҳои ҳуқуқию муассисиаш аз ҳама беҳтару саривақтӣ вазифаи муттаҳидгардонидаро ба иҷро расонид. Дар марҳилаи хеле ҳассоси сиёсиву иҷтимоӣ қабул шудани Конститутсия он ба марказе табдил ёфт, ки дар меҳвари он қувваҳои солими ҷомеа падидаи хеле нодири охири асри XX – фарҳанги сулҳи тоҷиконро эҷод ва дар амал татбиқ намуданд. Аз рӯи анъана, конститутсияҳо дар давраe қабул мегарданд, ки давлату ҷомеа аз як сатҳи инкишоф ё худ форматсияи ҷамъиятӣ ба сатҳи дигари инкишоф мегузарад.

Конститутсия санади асосӣ ва муайянкунандаи шоҳроҳи ҳаёти ҳар давлату кишвар ва ҷомеаи мутамаддину мамолики мутараққӣ ба ҳисоб меравад. Ва дигар ҳама санадҳо дар асос ба доираи равоидиди он таҳияву қабул карда мешаванд. Зеро санади меъёрии ҳуқуқие, ки ба Конститутсия муфовиқ нест ё ба он хилофат мекунад қувва ва ё эътибори ҳуқуқӣ надорад.

Барои баланд бардоштани вазъи ҳуқуқии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ Конститутсияи соли 1994 боэътимодтарин омили ҳуқуқии ташаккули давлатдории миллӣ гардид. Агар ба инобат бигирем, ки тибқи назарияҳои навтарини иҷтимоӣ, баробари унсурҳои асосии ташаккулдиҳандаи миллат (умумияти ҳаёти иқтисодӣ, ҳудуди ягона ва хусусиятҳои муайяни равонӣ), инчунин зарурати давлатдории миллӣ низ махсус қайд мегардад, аҳамияти фавқулода бузурги конститутсия дар таҳкими пояҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва идеологии давлати тозаистиқлоли тоҷикон тавассути тағйирнопазир эълон шудани на танҳо шакли идоракунӣ, балки моҳияти ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ, демократӣ ва иҷтимоии давлат ба таври барҷаста аён мегардад. Конститутсия ҳамчун муҳимтарин омили таъмини истиқлоли миллӣ ва якпорчагии кишвар – тағйирнопазир будани шакли идораи ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлатро кафолат дода, халқи Тоҷикистонро сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ эътироф намуд.

Дар баробари ин, Конститутсия, ифодакунандаи манфиатҳои муҳими ҷамъият буда, ба сифати олоти давлатӣ баҳри ба танзим даровардани тамоми асосҳои сохтори конститутсионӣ, муайянсозандаи вазъи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд баромад мекунад. Дар Конститутсия тамоми принсипҳои асосии сохтори давлатдорӣ, вазифаҳои давлат ва асосҳои ҳуқуқӣ дарҷ ёфтаанд. Конститутсия сарчашмаи асосии ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Конститутсия Қонуни асосӣ, «қонуни тамоми қонунҳо» аст, зеро ба андешаи баъзе муҳаққиқон «аз муқаррароти Конститутсия тақдири низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлат вобастагӣ дорад».

Конститутсия истиқлолияти давлатро ба расмият дароварда, роҳи минбаъдаи инкишофи ҷомеаи навинро муайян кард. Бояд қайд кард, ки соҳибистиқлол гаштани Тоҷикистон ва аз байн рафтани Иттиҳоди Шӯравӣ ҷомеаро ба як номуайянӣ гирифтор кард. Маълум набуд, ки мо кадом роҳи инкишофи ҷомеа ва кадом шакли идораи давлатро интихоб менамоем. Тибқи қонуни асосӣ эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ мақсади Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардид, ки ин шакли давлатдории эътирофшуда ва мутамаддини ҷаҳонӣ мебошад. Чунин интихоб ба ҳамроҳшавии мамлакат ба ҷомеаи ҷаҳонӣ мусоидат намуда, эътирофи Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ таъмин намуд.

# ЭМОМАЛӢ РАҲМОН – НАҶОТБАХШИ МИЛЛАТ



**Барҳақ ӯ Исмоили Сомонӣ шуда,**
**Фахри ҳар як тоҷикистонӣ шуда,**
**Некаъмол аст садри бебахост,**
**Як назар дар чеҳрааш нури Худост.**

Чи тавре ки ба ҳамаи мо маълум аст, дар таърихи давлатдории тоҷикон мардуми тоҷик нахустин маротиба 6-уми ноябри соли 1994 Президенти худро бо роҳи овоздиҳии умумихалқӣ интихоб намуданд.

Бо манзури эҳтирому эътирофи фазилати сиёсатмадориву давлатдории навини кишвар, таъмини сулҳу ваҳдату ягонагии мардуми сарзамин ва болоравии обруву нуфузу мақоми Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо дар арсаи байналмилалӣ, ки ин паёмадҳо дар маҷмӯъ, ба салоҳиятнокиву фаъолияти босамари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастагӣ дорад, дар қонунгузории кишварамон рӯзи 16 ноябр Рӯзи Президент пазируфта шудааст. Ҳамасола бахшида ба Рӯзи Президент дар саросари Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ баргузор мегарданд. Рӯзи 16 ноябр дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» рӯзи Президент муайян карда шудааст. Мақсад аз рӯзи ид муайян кардани рӯзи 16 ноябр дар он ифода меёбад, ки ибтидо аз ҳамин рӯзи тақдирсозу муайянкунандаи рушди минбаъдаи бомароми Тоҷикистон марҳилаи нави муҳимми давлатӣ, яъне тибқи Конститутсияи давлати соҳибихтиёр дар Ҷумҳурии Тоҷикистон идоракунии президентӣ оғоз ёфта, Президенти тозаинтихобгардида ба иҷрои вазифа шурӯъ намудааст. Мансаби президентӣ муқаррароти конститутсионӣ буда, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тартибу шартҳои ба ин мансаби олии ҳокимияти давлатӣ интихоб шудан ва лаҳзаи ба фаъолият шурӯъ намудани Президент муқаррар гардидааст. Аз ҷумла, меъёрҳои моддаи 67-и Конститутсия пешбинӣ менамояд, ки Президент пеш аз шурӯи вазифа дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон савганд ёд мекунад. Аз саҳифаҳои таърих дар ёд дорем, ки 16 ноябри соли 1994 дар иҷлосияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон маросими савгандёдкунӣ ва ба вазифа шурӯъ кардани Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардида буд. Пешвои миллат, ки дасти рости худро болои Қонуни асосии Тоҷикистон гузошта буд, гуфт: “Ман ҳамчун Президент савганд ёд мекунам, ки Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро ҳимоя менамоям, таъмини ҳуқуқ, озодиҳо ва шарафи шаҳрвандонро кафолат медиҳам, сарзамин, истиқлолияти сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистонро ҳифз мекунам ва ба халқ содиқона хидмат менамоям”. Дар ҳар давру замон барои рушду пешрафти ҳар миллат фарзандони барӯманди фарзонааш нақши мондагоре аз хеш боқӣ мегузоранд. Эмомалӣ Раҳмон чун шахсияти барҷаста вақте ба майдони сиёсат ворид шуд, ки миллати тоҷик парешон ва кишвар дар вартаи ҳалокат қарор дошт. Паёми нахустини мавсуф аз Иҷлосияи тақдирсози XVI Шӯрои Олии Тоҷикистон ки 19-уми ноябри соли 1992 дар Қасри Арбоби шаҳри бостонии Хуҷанд барпо гардида буд, сарҷамъсозии миллат ва берун овардани Тоҷикистон аз ҷанги шаҳрвандӣ буд. Дар баробари муваффақиятҳои бадастомада мушкилотҳои мавҷуда сол то сол аз байн рафта, сокинони Тоҷикистон дар атрофи Президенти интихобкардаи хеш – Эмомалӣ Раҳмон боз ҳам муттаҳидтар гашта, барои шукуфоии Тоҷикистони соҳибистиқлол фидокорона аз сидқи дил заҳмат мекашанд. Мухтарам Эмомалӣ Раҳмон чун мунодии сулҳу ваҳдат ва бунёдкори халқу миллат ва ватанашро чун фарзандонаш аз дилу ҷон дӯст медорад. Баҳри беҳбуди некӯаҳволии халқ ва ободии Ватани азизаш ҷонашро фидо мекунад. Ҳамин дӯстдории ӯст, ки халқ ӯро дар рӯзи интихоботи навбатӣ аз сари нав сарвари худ пазируфтанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон марди олиму оқилу фозилу хирадмандест, ки давлатро аз фаноёбӣ наҷот дода, мардумро атрофаш муттаҳид ва ба қалби мардумаш шӯълаи умедро бедор ва бо қадамҳои қатъӣ ба сулҳу осоиш, рушду суботи минбаъда ҳидоят намуд. Дар ҳақиқат ӯ ба ин вазифаи олӣ арзанда аст. Ин дӯстдорӣ бесабаб нест. Зеро сулҳу ваҳдати ҳамешагӣ пояндагии миллат истиқлоли Ватани азизамон ва ин пешрафту ободиҳо ҳама ба номи азизи вай сахт марбут аст. Тӯли зиёда аз бисту нуҳ соли истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сарвари давлат будани мавсуф кишварамон рушд ёфта, симояшро ба куллӣ дигар намуд. Аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ ёфтем. Садҳо корхонаю муассисаҳои истеҳсолӣ бунёд гардиданд. Пулу нақбҳо ва роҳҳои ҳамвор чор тарафи ватанамонро ба ҳам пайвастанд. Дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун шахси сулҳофару сулҳпарвар, сарҷамъкунандаи миллату мардумсолор, амалисозандаи заҳматҳои ояндабинона баҳри рушду нумӯъ ва ободии Ватану фароҳам овардани шароити арзанда барои мардуми кишвар, ташаббускори ҳалли масъалаҳои глобалӣ шинохта шудани Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистонро на танҳо сокинони кишвар, инчунин ҷаҳониён эътироф намудаанд, ки ба андешаи ман барои тасдиқу исботи ин гуфтаҳо зарурат ҷой надорад, зеро тавре халқ мегӯяд: «Пешвои мо – ифтихори мо». «Президенти мо – Пешвои мо!» Рӯзгори мардум рӯ ба беҳбудӣ овард, ки ин ҳама шаҳодати соҳибназарӣ ақли гиро ва заковати Худододаи ӯст.





Сайвалӣ БОБОХОНОВ
донишҷӯи соли 1

# ПИРӮЗӢ МУБОРАК, ПЕШВОИ МИЛЛАТ!





**Шукрона РУСТАМЗОДА**
**магистри соли 1**

Аз нав ба вазифаи Президенти мамлакат интихоб шудани Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои тамоми аҳли ҷумҳурӣ хурсандӣ ва як шодмонии беинтиҳост. Мардуми шарифу сарбаланди Тоҷикистон бо дарки баланди маърифати ҳуқуқӣ, ҳисси ватандӯстиву хештаншиносӣ номзади арзандаи худро интихоб намуда, зимоми давлатдориро ба мӯҳлати ҳафт соли дигар бар души шахсе гузоштанд, ки мардумро аз парокандагӣ, миллатро аз нестӣ тавонист раҳоӣ бахшад.



Воқеан, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон арзандатарин шахсияти сиёсӣ ба мақоми олии кишвар ба ҳисоб меравад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат шахсияти барҷастаи таърихии миллат мебошад, ки дар бунёди низоми давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол, барқарорсозии сохти конститутсионӣ, ба даст овардани сулҳу ваҳдати миллӣ саҳми беназир гузошта, дар эъмори давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ нақши арзанда гузошта, миллатро аз парокандагӣ, давлатро аз нестшавӣ ва халқро аз ҷанги шаҳрвандӣ раҳо намуда, дар рушди сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва таърихиву фарҳангии давлати мустақили Тоҷикистон хизматҳои бузурги тақдирсоз намудааст.

Натиҷаҳои интихобот бори дигар нуфузу эътибори баланди сиёсӣ ва қадрдонию эҳтироми мардуми Тоҷикистонро нисбат ба Пешвои миллат нишон дод. Аз сулҳу салоҳ, осудагие, ки бо шарофати Пешвои миллат дар Ватани азизамон барқарор гашт, табиати кишвар, тамоми олами мавҷудоти зинда баҳравар шуданд.

Дар ҳақиқат мақоми роҳбарӣ вазифаи сангинест барои ҳар роҳбар. Юнониён ҳикмати бузурге доранд, ки тибқи он "Худоён ба яке истеъдод медиҳаду ба дигаре омади кор .Вале ин касро ки ҳам ин даст медиҳаду ҳам он, нафареро, ки некуаҳволии инсонҳоро аз шахсияти хеш афзалтар медонад, иҷрои кори бузурге насиб мешавад ва ӯ абадӣ дар ёди халқи хеш мемонад". Пешвои миллатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шахсияте ба ҳисоб меравад, ки аз сангинтарин лаҳзаҳо ва пурфоҷеатарин рӯзҳо роҳбарии ин миллатро бар зимма гирифта, давлати тоҷиконро аз нестшавӣ наҷот бахшид. Миллати тоҷик шахсияти ӯро дар саҳифаҳои таърихи ин миллат бо ҳарфҳои заррин менависад.

Имрӯзҳо Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун наҷотбахши давлат, сарҷамъкунандаи миллат, кафили сулҳу ваҳдат, эҳёгари фарҳанги миллӣ, бунёдгузори мактаби давлатдории муосири миллӣ, меъмори давлатдории навини тоҷикон ва дар маҷмӯъ асосгузори бақои давлату иттиҳоди миллат ва пешвои умумимиллӣ шинохта ва эътироф шудааст.

**Гуш ҳарфи роҳбар бояд**
**кунем,**
**Дуртар роҳи назар**
**бояд кунем.**
**Дасти нанги худ**
**сипар бояд кунем**
**Қатраҳоро ҳам гуҳар**
**бояд кунем.**
**Дар ҳама майдон зафар**
**бояд кунем,**
**Тоҷикистонро дигар бояд**
**кунем.**

**Яқуб ҲАКИМОВ**
**магистри соли 1**

Шукрона аз ваҳдату ҳамдилии миллати тоҷик менамоем, ки бо як ифтихори миллӣ ва дарки баланди масъулияти шаҳрвандӣ интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро паси сар намудем. Миллати бофарҳанги тоҷик 29 соли таърихро ба назар гирифта, дар рафти интихобот раъйи худро ба шахсияте доданд, ки миллатро аз парокандагӣ, давлатро аз нестшавӣ наҷот дода, давлати тоҷиконро ба яке аз кишварҳои тараққикардаи дунё табдил доданд ва баҳри



пешравии миллату давлат ҳамеша тайёранд, ки ҷони худро фидо созанд.

12 октябри соли 2020, пас аз ҷамъбасти қаблии маъракаи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо бадаст овардани 90,92% раъйи мардум аз нав Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардиданд. Пирӯзӣ аз он далолат мекунад, ки сокинони кишвар аз сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қаноатманд буда, бо додани раъйи худ ҷонибдорӣ ва садоқаташонро ба Пешвои миллат изҳор намуданд.

Умедворем, ки минбаъд бо роҳбарии ин марди қавиирода кишвар боз ҳам рушд намуда, ободтару зеботар мегардад ва рӯзгори халқи тоҷик пурсаодату хуррамтар мешавад.

**Исматулло НАДИРЗОДА**
**донишҷӯи соли 4**

Бо шукргузорӣ аз сулҳу субот ва оромии кишвар санаи 11 октябри соли 2020 дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди баргузории ин чорабинии муҳими сиёсӣ бори дигар исбот намуд, ки кулли шаҳрвандони кишвар дар партави сиёсати хирадмандонаву сулҳофаронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо як рӯҳу илҳоми тоза ва дастгирии сиёсати имрӯзаи давлату ҳукумат дар ин маъракаи воқеан сиёсии ҷумҳурӣ фаъолона иштирок намуданд.

Воқеан, иштирокдар интихобот яке аз ҳуқуқҳои конститутсионии ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, ширкат дар он боиси ифтихор ва шараф аст. Мо низ шукргузорӣ аз даврони истиқлол ва сулҳу суботи кишвар менамоем, ки дар як шароити арзанда ва равнди сиёсии муътадил интихоботро паси сар намудем.

Бо итминони комил метавон иброз намуд, ки ин абармарди арсаи таърих, сиёсатмадори ҷаҳонӣ ва меъмори ваҳдат бо хиради азалӣ ва сиёсати оқилонаи худ давлату миллати тоҷикро ба ҷаҳониён боз ҳам муаррифӣ хоҳад намуд ва нуфузу эътибори онро аз ин ҳам боло мебарад.

Дар васфи ин абармарди дунёи сиёсат, Қаҳрамони миллат, ҷонфидои миллат ҳарчанд сухан иброз намоем, боз ҳам забон оҷиз мемонад. Сараввал, шукргузорӣ аз он менамоем, ки зодаи даврони истиқлол ҳастем ва баъдан қайд кардан бамаврид аст, ки тамоми заҳматҳо, кушишҳо ва дастгириҳои роҳбари давлат ва ҳукумат ба хотири пешрафт тараққиёт ва ободии кишвар, махсусан ба рушди сиёсати ҷавонон аст. Моро



зарур аст, ки ин сиёсати хирадмандона ва сулҳҷуёнаи Пешвои миллатро сармашқи кори худ намуда, саҳми худро дар рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангии мамлакат гузорем. Мо ҷавононро зарур аст, ки пайваста дар ҷустуҷӯи илму дониш бошем, илмҳои муосирро омӯхта, тарзи истифодабарии техникаву технологияи ҳозиразамонро аз худ намуда, дониши худро барои рушди давлати соҳибистиқлолии Тоҷикистон самаранок истифода намоем.

Аз номи тамоми донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро барои пирузиаш дар интихоботи Президенти Тоҷикистон самимона табрик намуда, дар фаъолияти кориашон муваффақият, комёбӣ ва барор хоҳонем.

**Пирӯзии мутлақ дар интихоботи президентӣ муборак бошад, Пешвои миллат!**

# МАВҚЕЪ ВА НАҚШИ КОНСТИТУТСИЯ ДАР НИЗОМИ ҚОНУНГУЗОРӢ

**Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷати муҳимму сарнавиштсоз, баҳамоиву оштии миллӣ, сулҳу суботи комил, асоси рушди тамоми самтҳои ҳаёти ҷомеа дар таърихи навини давлати соҳибистиқлоламон мебошад.**

**Маҳз 26 сол қабл, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи ниҳоят ҳассоси таърихӣ тариқи раъйпурсии умумихалқӣ бо иродаи кулли мардуми тоҷик қабул гардид ва он дар ҳифзи Истиқлолият ва муайян намудани пояҳо ва аркони давлату давлатдории навини тоҷикон нақши ҳалкунандаро дорад.**

Таърих гувоҳ аст, ки кишвари азизамон то соҳибистиқлол гардидан (9-уми сентябри соли 1991) марҳилаҳои гуногуни сиёсиро паси сар намуд. Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон оғози дигаргуниҳои тоза дар самти бунёди давлати мустақили тоҷикон гардид ва бо қабули Конститутсия барпо намудани давлати соҳибистиқлол ва ҷомеаи озоду пешрафтаи шаҳрвандӣ ба миён омад. Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Тоҷикистон бо интихоби ҳайати нави Ҳукумат бо сарварии Раиси Шӯрои Олӣ Эмомалӣ Раҳмон барои барқарор намудани институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон дар ҷомеа шароит фароҳам овард. Баъди бархам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ эҷоди санаду қонунҳои нав ва барои ин амал қабули Конститутсияи нав зарур буд. Зеро дар он марҳила маълум набуд, ки мо кадом роҳи рушди ҷомеа ва кадом шакли идораи давлатро интихоб намоем. Бинобар ин, комиссия таъсис ёфта, лоиҳаи Конститутсияро таҳия намуданд. Сокинони кишвар дар ин маъракаи муҳими сиёсӣ фаъолона ширкат варзиданд. Дар 64 ҳавзаи овоздиҳӣ 2685724 овоздиҳанда ба қайд гирифта шуда, 2535437 нафар, яъне 94,4% дар раъйпурсӣ ширкат варзиданд. Хушбахтона 6-уми ноябри соли 1994 бо тарафдории 2352554 нафар ё 87,59% овозхо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд.

Пас аз қабули Конститутсия зарурати гузаронидани ислоҳоти конститутсионӣ, қабули конунҳои конститутсионӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ба танзим медароранд, ба миён омад. Бо ин мақсад, 1-уми декабри соли 1994 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ислоҳоти конститутсионӣ» қабул шуд. Дар заминаи ин ислоҳот соли 1995 қонунҳои конститутсионӣ «Дар бораи сохтори судӣ», «Дар бораи Суди конститутсионӣ», «Дар бораи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи мақоми судяҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи судҳои ҳарбӣ» қабул ва мавриди амал қарор гирифтанд. Қонунҳои қабулшуда аз як тараф ба фаъолияти судҳои иқтисодӣ, ҳарбӣ ва Суди конститутсионӣ оғоз бахшида бошанд, аз ҷониби дигар сохтори судии мамлакатро ба танзим дароварданд.






Илоҳиҷон НАСРИДДИНОВ
корманди Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Конститутсияи мамлакат ҳамчун санади дорои қувваи олии ҳуқуқӣ дар таърихи начандон тӯлонии худ ифодакунандаи сиёсати амиқи пешгирифтаи давлату ҳукумати кишвар дар арсаи ҷаҳонӣ эътироф шуда, барои эҳтиром гузоштан ба арзишҳои пазируфташудаи инсонӣ ба монанди риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, таъмини шароити мусоид барои зиндагии арзандаи ҳар шахс ва устувории ваҳдати миллӣ заминаи воқеӣ гузошта, аз ҷониби коршиносони байналмилалӣ яке аз беҳтарин конститутсияҳо эътироф шудааст.

Дар маҷмӯъ, метавон гуфт, ки дастовардҳои бузургтарини мо пас аз қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама, барқарор намудани сулҳу суботи комил ва ваҳдати пойдори миллӣ, таъмини рушди устувори молиявию иқтисодӣ, таҳкими бехатарии ҷомеа, болоравии ҳисси ватандӯстиву ватандорӣ дар миёни тамоми табақаҳои ҷомеаи Тоҷикистон аст, ки ин ҳама маҳз ба шарофати сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва заҳмату кӯшишҳои мардуми соҳибмаърифату фарҳангдӯсти тоҷик муяссар гардидааст.

# ХИЗМАТ БА ВАТАН

Ҳимояи Ватан ва дастовардҳои миллӣ вазифаи ҷонии ҳар як шаҳрванди кишвар аст. Миллати ғаюру наҷиби тоҷик аз умқи таърих то имрӯз барои ҳимояи марзу буми Ватан ҷонисориҳои зиёд кардааст. Ҳимояи марзу буми ватани мо дар дасти ҷавонмардони бо нангу номуси ин кишвар мебошад. Ҳукумати кишвар бо вуҷуди мушкилотҳои зиёди иқтисодиву молиявӣ ҳанӯз аз марҳалаҳои аввали таъсиси Қувваҳои мусаллаҳ бо таҷдиду аз навсозии инфрасохтор ва таъсису ҷузъу томҳои махсусгардонида шуда эътибори махсус дод.

23-уми феврали 1993 Қувваҳои мусаллаҳи ҶТ таъсис дода шуд. Қувваҳои мусаллаҳи ҶТ ташкилоти ҳарбии давлатӣ буда, асоси мудофиаи ҶТ-ро, ки он барои муҳофизати истиқлолият ва тамомияти арзии он таъсис гардидааст, ташкил медиҳад. Хидмат ба Ватан яке аз нишонаҳои муҳаббат ба Ватан аст, аммо на ҳар кас ба Ватани худ содиқона хидмат мекунад. Аммо хидмат ба Ватан қарзи ҳар як фарзанди вафодори миллат аст.



Диловаршо САЛОМОВ
донишҷӯи соли 2

Инчунин ҳукумати мамлакат як қатор қонуну дастурҳо ва фармонҳоро дар бораи хизмати ҳарбӣ ва уҳдадориҳо қабул ва эълон намудааст, аз ҷумла Қонуни ҶТ “Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ”. Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба иҷрои уҳдадориҳои умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ алоқамандбудаи шаҳрвандони ҶТ-ро танзим намуда, асосҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии қайди хизмати ҳарбӣ, тайёр кардан, даъват намудан, дохил шудан, тартиби адо ва рухсат шудан аз хизмати ҳарбӣ ва ғайраро ба танзим медарорад. Боз як қатор қонунхо, санадҳо, фармонҳо, аз ҷумла, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи уҳдадориҳои умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ қабул ва интишор шудаанд.

**Дар соли чорӣ фармони Президенти мамлакат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи даъвати ҷавонписарон ба хизмати ҳарбӣ ба имзо расид. Аз ин рӯ, бояд ҳар як шаҳрванди ҶТ барои ҳифзи марзу буми Ватан кӯшиш ба харҷ диҳад ва ба содиқона ба он хизмат намояд.**

# МЕҲРИ ВАТАН

Ҳиссиёти ватандӯстӣ ин садоқат ба Ватан ва саъю кӯшиш анҷом додан барои ба нафъи он хизмат кардан мебошад. Дар ҳаёти инсонӣ муқаддасотҳои зиёданду ягона ва такрорнашаванда мавҷуданд, ки Модар ва Ватан низ ба шумори онҳо шомил мегарданд. Ватан сарнавишту қисмати ҳар як инсон аст. Халқи тоҷик аз он миллатҳое мебошад, ки марзу буми худро хеле дӯст медорад. Оромиву шукуфоии Ватан ба масъулияти ҳар як сокини он вобаста аст. Чунки Ватан орому осуда бошад, дар саросари он сулҳу субот нозу неъматхо фаровон гашта, муҳаббати мардум низ меафзояд. Барои он ки ҳисси ватандӯстиву ватанпарвариро тассавур кунем аз ватанпарварони музаффаре чун Темурмалик ва Ҳабиб Юсуфӣ ёдовар мешавем.

Чунин рафтору кирдори қаҳрамони Ватан метавонад боз садҳо нафаронро ҳамчун ҳимоягару дӯстдори Ватан тарбия кунад. Ватан барои ҳар яки мо хонаи умеду орзуҳо ва бахшандаи бахту саодат мебошад. Ватан ифтихор, шаъну шараф, ноёбтарин неъмат, сарвати бебахост, ки онро ба ҳеҷ гуна ганҷ наметавон иваз намуд.

Маънои вожаи Ватан дар



Шерафган АБДУЛЛОЕВ
донишҷӯи соли 2

ашхоси шоирон мавқеи хоса дорад. Ҳаким Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-и безаволи худ, ки сарвари идеяи ватандӯстӣ ва адолатхоҳӣ мебошад, ҳифзи Ватанро аз баҳои ҷон болотар гузоштааст.

**Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем.**
**Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем**

Хулоса, шукуфоии Ватан аз масъулиятшиносӣ ва некандешии мо вобаста аст. Аз ин рӯ, дӯст доштани Ватан, ҳимояи он ва ба қадри заҳматҳои бешумори бузургони он расидан қарзи инсонии ҳар як фарди бо нангу номуси меҳан аст.

# ДЕНЬ КОНСТИТУЦИИ

День Конституции Республики Таджикистан — один из главных национальных праздников Республики Таджикистан. 6 ноября 1994 года на всенародном референдуме была принята Конституция Республики Таджикистан. В честь этого события в стране установлен государственный праздник — День Конституции Республики Таджикистан, который официально был включён в перечень государственных дат Таджикистана в 1998 году. Для граждан Республики 6 ноября является праздничным нерабочим днём, который широко отмечается по всему государству.

Впервые в новейшей истории Таджикистана 6 ноября 1994 года состоялся всенародный референдум по принятию Конституции Республики Таджикистан.

Конституция состоит из 10 глав и 100 статей.

Сам главный закон страны после принятия в 1994 году позднее трижды дополнялся и претерпевал внесение поправок. Это происходило в 1999, 2003 и 2016 годах. Как и в любом другом государстве, Конституция в Таджикистане является основополагающим документом, определяющим основы государственного устройства, порядок формирования и функционирования основных государственных органов законодательной, исполнительной и судебной власти, органов местного самоуправления, порядок избрания, также полномочия главы государства, основные права, свободы и обязанности граждан, порядок внесения поправок в Конституцию и возможность её пересмотра.




В остальном — Конституция Таджикистана провозглашает страну независимым, социально ориентированным государством, признающим основной ценностью — права и свободы человека, определяющим граждан как основной источник суверенитета. Это подтверждается и последней её статьёй, где утверждается незыблемость и невозможность изменения таких основ государства, как республиканская форма правления, территориальная целостность, правовая, светская и социальная сущность государства.



Абдулло АВЕЗИЁН
студент 2-го курса

Празднование Дня Конституции Таджикистана сопровождается поднятием Государственного флага.

# CONSTITUTION



Sulton NAZARZODA
student 1-year

The first step towards achieving the above goals was the adoption of the Declaration of Independence of the USSR on August 24, 1990. However, the drafting of the Constitution of Tajikistan was postponed due to the dissolution of the USSR. In this regard, on September 9, 1991, this Declaration was enriched by new circumstances that further expanded the foundations of Tajikistan's sovereignty. The second stage of preparation of the draft Constitution of Tajikistan began after the dissolution of the USSR and the accession of Tajikistan to the Commonwealth of Independent States as a sovereign state. Along with the independence of the Republic of Tajikistan, there was a need to adopt a new Constitution. The society and the state of Tajikistan have entered a qualitatively new stage in the history of their development, and the country has begun a period of radical change in all spheres of society. And on November 6, 1994 the Constitution of the Republic of Tajikistan was adopted in a nationwide referendum and entered into force. The people of independent Tajikistan, along with the adoption of their first Constitution, have declared their freedom and human rights sacred and the task of building a just society, and have identified the main elements of civil society. The historical role of the Constitution, first of all, is that from the first years of independence the people of Tajikistan as an expression of sovereignty and a single source of state power determined their destiny in accordance with the provisions of this fateful document and clarified the development of all spheres. As we all know, the Founder of Peace and National Unity, Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon called the Constitution of the Republic of Tajikistan among the great achievements of the people of Tajikistan, the legal basis for building an independent Tajik state, legal expression of national statehood goals, protection of goals and national interests, historical heritage and national culture. The Constitution, adopted on November 6, 1994, is truly the fortune of the nation, the certificate of the independent state and the destiny of the country, thanks to which the world recognizes Tajikistan as a full-fledged subject of international relations, a country pursuing an open door policy and the people of Tajikistan.

The Constitution of the Republic of Tajikistan has been amended three times - on September 26, 1999, June 22, 2003 and May 22, 2016. In short, the proud Tajik nation has learned from its just Constitution respect and obedience to the law, and realized that the building of a democratic and law-governed society, which is of interest to mankind, is through obedience to the law, respect and love for its citizens.

It is safe to say that the 26th anniversary of the adoption of the Constitution of the Republic of Tajikistan gives a new impetus to the celebration of the national holiday and the better development of self-awareness, national unity, patriotism and pride of every honorable person of independent Tajikistan.

# DER VERFASSUNG DER REPUBLIK TADSCHIKISTAN

Zusammen mit der Unabhängigkeit der Republik Tadschikistan bestand die Notwendigkeit, eine neue Verfassung zu verabschieden. Die Gesellschaft und der Staat Tadschikistan sind in der Geschichte ihrer Entwicklung in eine qualitativ neue Phase eingetreten, und das Land hat in allen Bereichen der Gesellschaft eine Phase radikaler Veränderungen begonnen.



Amirjon INOMOV
1 jahr student

Am 6. November 1994 wurde die Verfassung der Republik Tadschikistan in einem landesweiten Referendum verabschiedet und trat in Kraft.

Die Menschen im unabhängigen Tadschikistan haben zusammen mit der Annahme ihrer ersten Verfassung ihre Freiheit und Menschenrechte für heilig erklärt und die Aufgabe, eine gerechte Gesellschaft aufzubauen, und die Hauptelemente der Zivilgesellschaft identifiziert.

Die historische Rolle der Verfassung besteht zunächst darin, dass das tadschikische Volk als Ausdruck der Souveränität und als einzige Quelle staatlicher Macht ab den ersten Jahren der Unabhängigkeit sein Schicksal gemäß den Bestimmungen dieses schicksalhaften Dokuments festlegte und die Entwicklung aller Bereiche klarstellte.

Wie wir alle wissen, bezeichnete der Gründer des Friedens und der nationalen Einheit, Führer der Nation, Präsident der Republik Tadschikistan, Emomali Rahmon, die Verfassung der Republik Tadschikistan als eine der großen Errungenschaften des tadschikischen Volkes, die Rechtsgrundlage für den Aufbau eines unabhängigen tadschikischen Staates, die rechtliche Äußerung nationaler Staatsziele, den Schutz von Zielen und nationale Interessen, historisches Erbe und nationale Kultur.

Die am 6. November 1994 verabschiedete Verfassung ist wirklich das Glück der Nation, das Zertifikat des unabhängigen Staates und das Schicksal des Landes, dank dessen die Welt Tadschikistan als vollwertiges Thema der internationalen Beziehungen anerkennt, ein Land, das eine Politik der offenen Tür verfolgt, und das Volk Tadschikistans.

Nach der Annahme der Verfassung bestand Bedarf an einer Verfassungsreform, der Annahme von Verfassungsgesetzen und -vorschriften, die die Aktivitäten von Regierungsbehörden und Strafverfolgungsbehörden regeln. Zu diesem Zweck wurde am 1. Dezember 1994 das Gesetz der Republik Tadschikistan «Über die Verfassungsreform» verabschiedet. Auf der Grundlage dieser Reformen wurden 1995 die Verfassungsgesetze «Über die Justizstruktur», «Über das Verfassungsgericht», «Über den Obersten Gerichtshof der Republik Tadschikistan», «Über den Status der Richter in der Republik Tadschikistan», «Über die Wirtschaftsgerichte der Republik Tadschikistan», « «On Military Courts» wurde angenommen und umgesetzt. Verabschiedete Gesetze initiierten einerseits die Aktivitäten von Wirtschafts-, Militär-und Verfassungsgerichten und regulierten andererseits das Justizsystem des Landes.

Natürlich besteht neben der Verbesserung jeder Gesellschaft die Notwendigkeit, die Verfassung zu ändern. Mit der Änderung der Umstände ist in unserem Land ein solches Bedürfnis entstanden, und glücklicherweise wurden diese Änderungen und Ergänzungen auf der Grundlage des Willens des Volkes durch ein landesweites Referendum in die Verfassung der Republik aufgenommen. Änderungen der Verfassung der Republik Tadschikistan gemäß dem Allgemeinen Abkommen über die Herstellung von Frieden und nationalem Abkommen von 1999 trugen zur Stärkung der nationalen Einheit und der sozialen Stabilität bei. In Übereinstimmung mit diesen Änderungen wurde erstmals im unabhängigen Tadschikistan ein Fachparlament eingerichtet, das zur Entwicklung und Anpassung der Rechtsvorschriften des Landes an eine qualitativ neue Öffentlichkeitsarbeit beigetragen hat. Die Verfassung der Republik Tadschikistan wurde dreimal geändert - am 26. September 1999, 22. Juni 2003 und 22. Mai 2016.

Kurz gesagt, die stolze tadschikische Nation hat aus ihrer gerechten Verfassung Respekt und Gehorsam gegenüber dem Gesetz gelernt und erkannt, dass der Aufbau einer demokratischen und gesetzlich geregelten Gesellschaft, die für die Menschheit von Interesse ist, durch Gehorsam gegenüber dem Gesetz, Respekt und Liebe zu ihren Bürgern erfolgt.

# АНКЛАВ И ЭКСКЛАВ В МЕЖДУНАРОДНОМ ПРАВЕ



Наргиза ШАРИПОВА
студентка 4-го курса

**АНКЛАВ** - территориальная часть государства, которая находится отдельно от основной части страны, окруженная со всех сторон другими государствами. Если у этой территории имеется выход к морю, то она называется полуанклавом.

**ЭКСКЛАВ** - несамостоятельный регион, отделенный территориально от материнского государства и полностью окруженный одной или несколькими странами.

Одна и та же территория одновременно может быть анклавом и эксклавом. В мире много таких мест. В Беларуси на территории Гомельской области находится населенный пункт Саньково-Медвежье. Административно он относится к Брянской области РФ. Для России эта территория считается эксклавом, для Беларусия - анклавом. Аляска является полуэксклавом США и полуанклавом Канады. Мелилья и Сеута имеют выход к Средиземному морю и являются полуанклавами для Марокко и полуэксклавами для Испании.

Наличие такой обособленной территории в международном праве предполагает особые правовые отношения. Чтобы попасть в анклав, необходимо пересечь территорию другого государства. Также необходимо решать важные проблемы, обеспечивать жизнедеятельность анклава. Все вопросы решаются, как правило, заключением соглашений и договоров между заинтересованными сторонами. Право доступа государства к своему анклаву реализуется путем подписания специального соглашения с государством, на территории которого находится анклав. Правовой режим анклава определяется национальным законодательством или международными нормами. Например :Ватикан и Сан –Марино внутри Италии, Лесото внутри ЮАР. Ряд признаков государственности имеет также Мальтийский орден, владеющий территорией-анклавом внутри Италии.

Полуанклав – часть государства, окружённая территорией другого государства на суше, но имеющая выход к морю. Анклавы такого типа также называют прибрежными анклавами. Примерами государств-полуанклавов являются Бруней, который окружают Малайзия и Южно-Китайское море, а также Португалия, окружённая Испанией и Атлантическим океаном. Полуанклавом является также часть форта Сант-Анджело на территории Мальты, относящаяся к Мальтийскому ордену. В государствах основная территория, которых находится за пределами полуанклава, территорию полуанклава называют полуэксклав. Согласно морскому праву, блокирование доступа к полуэксклаву флотом других стран не допускается.

**ПРИМЕРЫ ЭКСКЛАВОВ:**

**-Нахичеванскую Автономную Республику, входящую в состав Азербайджана, окружают Армения, Иран и Турция.**

**- Шахимарданский эксклав и Сохский район, относящиеся к Ферганской области, являются эксклавами Узбекистана на территории Киргизии.**

**-Муниципалитет Льивия, входящий в состав Испании, окружает Франция.**

**-Итальянское посиление Кампионе, на озере Лугано, принадлежащее Ломбардии, окружено территорией Швейцарии, являясь эксклавом Италии и анклавом Швейцарии.**

**- Восточный Тимор полуэксклав по отношению к Индонезии**

**-Мусандам – мухафаза (провинция) Омана, окружённая на юге и большей частью на западе территорией ОАЭ, омывается Персидским и Оманским заливами.**

**-Ворух- село в Согдийской области, окружённая Киргизии, считается анклавом Таджикистана.**

**-Ак-сай село в Баткенской области, окружено территорией Таджикистана, является эксклавом Киргизии.**

**-Калининградскую область России (анклав РФ) окружают Балтийское море, Польша и Литва.**

**Как анклавы возникают и исчезают**

Анклавы отражают на политической карте мира важнейшие вехи всемирной истории.

Термин «анклав» в современном значении начал использоваться в дипломатическом обороте в начале XVI века. К тому времени анклавы уже состоялись, как явление в феодальной системе, подразумевавшей лоскутный принцип владения территориями. В ходе становления национальных государств почти все феодальные анклавы исчезли или стали внутригосударственными.Например, в состав Германской империи вошло боле 170 ангклавов. Некоторые, как Сан-Марино, сохранились до наших дней в качестве анклавного государства.

Второй этап возникновения анклавов связан с формированием колониальных империй. Захваченные в Африке и Азии форпосты со временем превращались в отдельные административные единицы метрополий. Например, популярный курорт Гоа до 1961 года был эксклавом Португалии.

Последняя волна появления и исчезновения анклавов началась после холодной войны.

Несмотря на то, что проблема сепаратизма, считается, особенно в России, тесно связанной с анклавной проблематикой, в современной истории было всего два примера отделения анклавов от материнского государства. В 1961 году Сирия вышла из Объединенной Арабской Республики, к которой присоединилась в 1958 году. В 1971 году в результате гражданской войны Восточная Бенгалия отделилась от Пакистана и стала независимым государством Бангладеш.

# ПРАВО НА ВТОРОЙ ШАНС



Саидмубин САЛОХИДДИНОВ
студент 2-го курса

**Каждый имеет право на второй шанс, потому что в первую очередь он или она является человеком. Из 100 опрошенных людей, как на улице, так и на страницах социальной сети facebook, 88% ответили, что всем в жизни надо дать второй шанс к возврату к нормальной жизни, и они дали бы бывшим заключённым эту возможность.**

Человек, покинувший место заключения, испытывает двойственное чувство. С одной стороны присутствует чувство лёгкости, свободы, а с другой – огромный страх перед неизвестностью. Общество не хочет принимать в свои круги бывших заключённых. Эти люди обречены на непонимание со стороны окружающих. Они будут всю жизнь сталкиваться с определёнными барьерами и тупиками. Трудно будет устроить свою личную жизнь, найти работу, невозможно стереть криминальное прошлое.

7% из опрошенных уверены в том, что тем, кто побывал однажды в исправительных учреждениях, довериться нельзя. Ярлык бывшего заключённого будет мешать начать новую жизнь. Первые трудности чаще всего ломают человека, он срывается и идёт на новые преступления, чтобы вернуться обратно. В этот самый тяжёлый период очень важна поддержка близких родственников и друзей. Часто таковых у вышедших на свободу вовсе нет или осталось немного.

И всего 5% отвечающих не знали, что ответить точно – «да» или «нет».

Человек, попадая в новые условия, сталкивается с рядом трудностей различного порядка: социального, психологического и физиологического. На этот болезненный процесс уходит много времени и сил. Чтобы снять различные негативные последствия при попадании человека в новые условия, целесообразно провести специальную подготовку к вхождению в них.

Необходимость психологической подготовки вызвана тем, что лицо, отбывающее или отбывшее наказание, попадая в новые условия жизни, встречается с трудностями, к преодолению, которых оно чаще всего не готово. Результатом этого является поведение, не соответствующее требованиям норм морали и права. Известны факты, когда лица, долгое время отбывающие наказание, не хотят покидать место лишения свободы.

Психологическая подготовка – вид формирования личности, нацеленный на развитие способностей к определенной деятельности в конкретных условиях и усиление ее мотивации и нравственного компонента.

Психологическая подготовка к отбыванию уголовного наказания осужденным в исправительном учреждении определенного вида проводится уже в следственном изоляторе. Она предполагает: ослабление или снятие психических состояний, отрицательно влияющих на поведение заключенного в качестве подследственного и подсудимого в следственном изоляторе, формирование состояния раскаяния и установки вести себя честно и правдиво на следствии и в суде.

После осуждения в процессе психологической подготовки раскрываются дальнейшие перспективы и цели жизни осужденного: он узнает об условиях содержания в колонии, своих правах и обязанностях. При этом происходит формирование положительного отношения к воспитательной работе, общественно полезному труду, общеобразовательной и профессиональной подготовке.

Психологическая подготовка при перемещении осужденных в рамках исправительного учреждения чаще всего осуществляется при изменении условий содержания в связи с прогрессивной системой отбывания наказания (например, при переводе со строгого на общий режим).

Гуманистический подход предполагает творческое, свободное общение в группе. Он исключает жесткую программу и способствует развитию и коррекции ценностных ориентации, мотивации, установки на исправление и других личностно значимых свойств

Я отношусь к людям, которым не имеет значения был ли осужден этот человек. Так, в соответствии с приннципом гуманности прежде всего они являются людьми. Я не полностью отрицаю смертную казнь, есть некоторые преступление, к которым стоит принимать этот вид наказания. Однако с исключением!. Предлагаю для воспитания этих лиц создать библиотекис мотивационными или же психологическими книгами.

**Знаю, что это не лучшие условия для них но попробовать стоит. Надо дать шанс, чтобы за каждую прочитанную книгу им сокращали их срок пребывания в заключении на неделю. Возможность читать хорошие книги очень важна для исправления личности осужденных. В местах лишения свободы книга реально может стать близким другом, советчиком и даже средством изменения сознания и мышления осужденных.**

**Возникает вопрос, почему не день, не месяц а именно неделя? Они для одного дня не будут стараться, а неделя может мотивировать их отношение к чтениям книг.**

**Всё это должно проходить профессионально, может некоторые и не согласны с моим предложением, и задаются вопросом:зачем тратить время и ресурсы на таких людей. Ответ таков: Эти мероприятия помогут увеличить в процентном соотношении исправленных осужденных.**

# КОНСТИТУТСИЯ – РУКНИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ






**Файзулло АЛИЗОДА**
**донишҷӯи соли 2**

Ҳамасола 6 ноябр ҳамчун рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷашн гирифта мешавад, зеро ин рӯз дар таърихи Тоҷикистон бо ҳарфҳои заррин сабт гардидааст. Маҳз дар ҳамин сана бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд. Якдилона пазируфтани Конститутсия аз ҷониби тамоми халқ ифодагари эътирофи ҳукумати қонуниро дошт, ки худ нишонаи мафкураи баланди сиёсии мардуми тоҷикро инъикос менамояд.

Рисолати таърихии Конститутсияи нави Тоҷикистон ин фароҳам овардани фазои осоиштаву босубот, таъмини ваҳдати миллӣ, барқарор намудани хоҷагии харобгаштаи халқ, таъмини фаъолияти муътадили мақомоти ҳокимияти давлатӣ, гузаштан ба иқтисоди бозоргонӣ, барқарор намудани муносибатҳои судманди байналмилалӣ ва сиёсати сулҳҷӯёнаи Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

**Шаҳриябону ҒАНИЗОДА**
**донишҷӯи соли 2**

Маврид ба ёдоварист, ки Конститутсияи соли 1994 дар муқоиса бо конститутсиҳои замони шӯравӣ хусусиятҳои фарқкунанда ва афзалиятҳои зиёде дорад. Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон сохти нави давлатдории миллии тоҷиконро муайян намуда, халқи кишварро баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ эълон намуда, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро кафолат дода, ҳамчунин барои такрор наёфтани вазифаҳои мақомоти давлатӣ таҷзияи ҳокимияти давлатро ба роҳ мондааст.

Бо итминон метавон изҳор дошт, ки Ҳукумати кишвар бо сарварии Пешвои миллат баробари қабули Конститутсия фаъолияти худро дар асоси талаботи он ба роҳ монда, дар пешрафту рушди ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангии ҷомеа ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон мунтазам иқдомҳои созандаро роҳандозӣ карда истодааст. Ҳар қадар солҳо моро аз давраи қабули ин ҳуҷҷати сарнавиштсоз дур баранд ҳам, аммо ҳамон қадар аҳамияту зарурати мавҷудияти он дар таҳкими ҳокимияти Конститутсионӣ, пешрафти соҳаҳои гуногуни ҳаёти давлативу ҷамъиятӣ ва баланд бардоштани нуфузи он дар арсаи байналмилалӣ мазмуну моҳияти муҳимтар касб менамояд.

Конститутсия, ки меъёрҳои он аз принсипи инсондӯстӣ маншаъ мегиранд, ҳамчун ҳуҷҷати сарнавиштсози сиёсиву ҳуқуқӣ эътироф гардида, дар он арзишҳои муҳими ҳаётӣ, аз ҷумла, озодии сухан, гуногунандешӣ, дар доираи қонун таъсис додани ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳо ва созмонҳои гуногуни ҷамъиятӣ, инчунин марому мақсади кулли сокинони кишвар ба таври возеҳ инъикос гардидаанд.




**Муродбек ЛАТИФОВ**
**донишҷӯи соли 2**

Бо қабули Конститутсия дар инкишофи давлатдории Тоҷикистон марҳилаи нави таърихӣ оғоз гардид ва он моро ба дигаргуниҳои азими сиёсиву ҳуқуқӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва созандагиву бунёдкорӣ роҳнамоӣ кард. Меъёрҳои Конститутсия барои ҳамгироӣ бо ҷомеаи ҷаҳон замина гузоштанд ва Тоҷикистон дар як муддати кӯтоҳ ба узвияти созмонҳои бонуфузи минтақавӣ ва байналмилалӣ пазируфта шуда, бо давлатҳои зиёде муносибатҳои дипломатии худро барқарор намуд. Бунёди давлати ҳуқуқбунёд ҳар яки моро вазифадор месозад, ки риояи ҳатмии қонун, пеш аз ҳама, меъёрҳои Конститутсияи давлатамонро таъмин намоем, зеро риояву иҷрои қонун, яъне волоияти қонун, шарти муҳимтарини амалӣ



намудани заминаҳои давлати ҳуқуқбунёд мебошад.

Нақши Конститутсия на фақат барои расмӣ гардонидани бунёди давлати нав, инчунин барои таъмини инкишофи он низ бузург аст, чунки дар он асосу заминаҳое муқаррар шудаанд, ки фақат бо роҳи татбиқи дурусти онҳо давлат пешрафта метавонад. Хусусан, амалӣ гардонидани асосҳо дар боби аввали Конститутсия пешбини шудаанд.

**Парвиз РАҲИМОВ**
**донишҷӯи соли 1**

Тибқи Конститутсия эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ мақсади Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардид, ки ин шакли давлатдории эътирофшуда ва мутамаддини ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад. Дар қисмати муқаддимавии Конститутсия халқи Тоҷикистон бо қабули Конститутсия бунёди ҷомеаи адолатпарварро вазифаи худ қарор дода, уҳдадорӣ гирифтааст, ки ҳуқуқу озодӣ ва шаъну шарафи инсонро ҳифз менамояд. Маҳз ҳамин муқаррароти конститутсионӣ замина барои бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд маҳсуб меёбанд. Қабули Конститутсия дар даврони Истиқлолияти давлатӣ заминаи мусоиди ҳуқуқиро фароҳам овард, чунки дар ин ҳуҷҷати таърихӣ арзишҳои муҳими миллӣ ва умумиба-



шарӣ дарҷ гардид. Махсусан, арзишҳои олӣ эътироф намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, гуногуншаклии моликият, гуногунандешии сиёсӣ, таҷзияи ҳокимият, эътибори олии ҳуқуқии меъёрҳои Конститутсия аз ҷумлаи меъёрҳои заминавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравaнд.

Арзишҳои волои Конститутсия ба сиёсати инсондӯстонаю инсонпарварона ва эътирофу эҳтиром ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд тавъаманд. Дар замони муосир меҳвари сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро арзиши олӣ будани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ҳифзи онҳо, гуногунандешии сиёсӣ, баробари шаклҳои гуногуни моликият, аз ҷумла, моликияти хусусӣ, фаъолияти озоди иқтисодӣ ва соҳибкорӣ, рақобати озод дар иқтисодиёт ташкил медиҳанд.

**Шарофат МУМИНЗОДА**
**донишҷӯи соли 3**

Меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро кафолат дода, дар худ падидаҳои конститутсионӣ ба мисли баробарҳуқуқии инсон, арзиши олӣ доштани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, дахлнопазирии шахсият, соҳибихтиёрии халқ, кафолати ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва принсипи инсондӯстиро таҷассум менамоянд.

Қобили зикр аст, ки тамоми дастовардҳои ноилшудаи Тоҷикистони соҳибихтиёр бевосита ба қабули Конститутсия вобастагӣ дорад. Зеро рушди бомароми иқтисодиёт дигаргуниҳои бунёди ҷомеа, паст кардани сатҳи камбизоатӣ, рушди илму маориф, тандурустӣ ва фарҳанг ва соҳаву бахшҳои дигар аз кафолатҳои конститутсионӣ сарчашма мегиранд.

Ҷашни 26-умин солгарди Конститутсияи Тоҷикистон барои мо ҳамчун ҷашни шаклгирии давлатдории миллии тоҷикон ва таҳкими амнияту суботи сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистон аҳамият ва шукӯҳи хосае дарад. Дар давоми ин солҳо халқи Тоҷикистон ҳамчун баёнгари соҳибихтиёри ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ сарнавишти худро тибқи ин ҳуҷати воқеан тақдирсоз муайян намуда, самтҳои тараққиёти худро дар ҳама соҳаҳо мушаххас гардонид.

Аз ин нуқтаи назар, тамоми дастовардҳоеро, ки тули 26-соли амалкарди Конститутсияи Тоҷикистон насиби халқу давлат гардидааст, натиҷаи хирад ва заковати азими халқи Тоҷикистон меҳисобем, зеро маҳз бо иродаи аксари мутлақи мардуми ин сарзамини кӯҳанбунёд имрӯз кишвари моро дар ҷаҳон ҳамчун давлати соҳибихтиёру ҳуқуқбунёд ва демокративу иҷтимоӣ эътироф мекунанд.

**Суруш ШАРИФЗОДА**
**донишҷӯи соли 1**

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вақти қабул шуданаш то ба имрӯз дар ҳаёти иқтисодиву сиёсӣ ва иҷтимоиву фарҳангии кишварамон дигаргуниҳои куллиро ба вуҷуд овардааст.

Бояд ёдовар шуд, ки пешрафти ҳаёти ҷомеа талаб намуд, ки муқаррароту меъёрҳои конститутсионӣ



такмил дода, ба талаботи давру замон мувофиқ гардонида шаванд. Воқеан, мукаммалсозии меъёрҳои конститутсионӣ ба рушди устувору босуботи ҷомеа, инкишофи минбаъдаи ҷараёни демократикунонии ҳаёти ҷомеа, таъмини риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ба воситаи муҳайё намудани шароити кафолати давлатии он мебошад. Ҳамчунин ин ташаббуси қонунгузорӣ ба маърифати баланди ҳуқуқӣ ва фаъолнокии сиёсӣ вобастагӣ дошта, такмил додани муқаррароти конститутсионӣ ҷанбаи илмиву мантиқӣ, аз нигоҳи зарурат ва моҳият саривақтиву ҳадафмандиро дар бар мегирад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи асосии давлатдории мо ба ҳисоб рафта, тавонист бахри устуворӣ, сулҳу ваҳдат ва ба ягонагии комил расидани тоҷикон нақши муҳим бозад.

**Таҳияи**
**Бурҳоналӣ ШЕРЗОДА**

**Несмотря на сравнительно малую историю существования института президентства, многими странами уже накоплен богатый опыт в сфере его организации и деятельности. Необходимо подчеркнуть, что сегодня данный институт развивается и приобретает свои специфические формы организации и осуществления власти в политической системе таджикского общества, основываясь на его национально-исторических особенностях и традициях.**

# НАШ ПРЕЗИДЕНТ – НАША ГОРДОСТЬ



Зухайли НАЗАРОВА
студент 1-го курса

11 октября в Республике Таджикистан прошли выборы Президента Республики Таджикистан. Результат голосования меня, да и можно сказать всех , очень обрадовали.

Президент – человек, который в ответе за все государство, за всю страну. Порой нам кажется, что президентом быть легко, но мы не задумываемся над такими простыми вещами, как свобода, любовь. Во всех законах нашего государства говорится о свободе. Мы с Вами свободны во всем: в свободе слова, вероисповедании, в выборе, где и когда жить, где работать и где отдыхать, куда идти, что делать, в каком заведении учиться и еще много в чем. А кому за все это мы должны сказать спасибо? Конечно, нашему президенту – Эмомали Рахмону. То, как и в каких условиях, мы живем, зависит именно от него. Он – гарант нашей свободы, нашего счастливого студенчество, в котором нет ни каких проблем. Мы не боимся просыпаться утром и засыпать вечером.

Профессия президента – очень сложная и уважаемый Эмомали Рахмон очень хорошо справляется с этой профессией.

Наш президент – лидер, стратег и политик. Именно эти качества могут всецело описывать нашего уважаемого Эмомали Рахмона. Его заслуги перед народом очень велики. Будучи опытным лидером, наш президент смог найти необходимый баланс. Ведь благодаря ему мы живём в такой спокойной и расцветающей стране.

Во всем мире признано, что наш Президент очень хороший стратег, он не просто предлагает идеи, но и успешно их реализует для улучшения жизни народа и нашей любимой страны.

Наш Президент- лидер который гармонично сочетает в себе стремления к лучшей жизни и уважения к многовековым традициям.

С первых дней уважаемый Эмомали Рахмон заботится о народе и уделяет особое внимание к дружескому развитию своих граждан. Также особое внимание он уделяет молодёжи. Не зря в своих посланиях Эмомали Рахмон говорит: «Молодёжь -будущее страны».

По моему мнению, действующий президент нашей страны Эмомали Рахмон обладает всеми качествами, необходимыми главе государства. В своей работе он проявляет высочайший уровень образованности, умение видеть на годы вперед. Это настоящий эрудит, разбирающийся и в политике, и в промышленном производстве, и в сельском хозяйстве, и в медицине, образовании, искусстве, высоких технологиях. На международном уровне он одновременно является стратегом, дипломатом и аналитиком. Всегда оптимистичен, сдержан, подчеркнуто вежлив. Он достойно выглядит на мировой арене.

Наш президент – сильный лидер, мощная и незаурядная личность. Это человек, который работает на благо страны, ставя государственные интересы превыше своих личных. Мы, испытываем к нему искреннее уважение и доверие.

# АДАБ – ҲУСНИ ИНСОН



Аббос САФАРХОНЗОДА
донишҷӯи соли 1

Ҳар як шахс дар ҷамъият бо рафтори нек, гуфтори нек ва пиндори нек соҳиби иззату эҳтиром мешавад.

Аз Луқмони Ҳаким пурсидаанд:

- Адаб аз кӣ омӯхтӣ?

Гуфт: Аз беадабон.

Гуфтанд:

- Чӣ тавр?

Гуфт:

- Ҳар чӣ аз эшон бароям нописанд омад, аз он парҳез кардам.

Аслан таълиму тарбия ва доштани ахлоқи намунавӣ аз оила сарчашма мегирад, чунки падару модар уҳдадоранд фарзандро хуб тарбия намуда, ба роҳи дурусти зиндагӣ ҳидоят намоянд, зеро беҳтарин меросе, ки волидон ба фарзандон мегузоранд, ин адаб аст. Чуноне ки шоир гуфтааст:

**Аз беадабӣ касе ба мақсад
нарасад,
Зеро, ки адаб тоҷи сари
мардон аст.**

Дуруст аст, ки одами беадаб ҳеҷ вақт ба мақсад намерасад. Имрӯзҳо ҳастанд шахсоне, ки ба суханҳову насиҳатҳои падару модар, пирони рӯзгордида ва муаллимон гӯш надода, ба ҳар гуна кирдорҳои ношоям даст мезананд. Вале намедонанд, ки аз кирдори ношоям то ҷиноят як қадам роҳ аст ва оқибати ҳамаи амалҳои номатлуб пушаймонӣ дорад. Далелҳо шаҳодат медиҳанд, ки баъзе шахсон ҳанӯз аз хурдӣ ба кирдорҳои ношоям даст мезананд. Интизомро вайрон карда, ба дарс дер меоянд. Бо омӯзгорон дағалӣ намуда, дар дарсҳо бетартибӣ мекунанд ва бо ин рафтори худ дар синф фазои носолимро ба вуҷуд меоранд. Баъд аз дарс бошад, ба нӯшидани нӯшокиҳои спиртӣ машғул мешаванд. Ҳамин тариқ, роҳ ба сӯи ҷиноятҳо, худсарӣ, рафторҳои хурди ношоям, беэҳтиётӣ ба дигарон ва дағалӣ оғоз мешавад. Сабаби аксарияти ҳуқуқвайронкуниҳо паст будани дараҷаи шуурнокии ҳуқуқвайронкунандагон, беинтизомӣ, беахамиятӣ, нашъамандӣ, майпарастӣ ва беандешагӣ нисбат ба оқибатҳои рафтори худ мебошад. Набудани ҳисси ҷавобгарии шахсӣ, надонистан ва нафаҳмидани қонун, инчунин беҷазо мондан ва дигар ҳолатҳо низ сабаби ҳуқуқвайронкунӣ шуда метавонанд.

Аслан инсон бояд кӯшиш намояд, ки аз хурдӣ бо рафтори хубу одоби намунавӣ сазовори эҳтироми дигарон бошад. Ҳамзамон, риояи талаботи ҳуқуқӣ вазифаи конститутсионии ҳар як шаҳрванд мебошад. Дар баробари ин, ҳар як шаҳрванд вазифадор аст, ки қонунҳои кишвари худро ба хубӣ донад. Зеро, надонистани қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ шаҳрвандонро аз ҷавобгарӣ озод намекунад.

# ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

Худшиносии миллӣ ва арҷ гузоштан ба арзишҳои олӣ аз вазифаҳои аввалиндараҷа ва муқаддаси ҳар як шаҳрванд ба ҳисоб меравад. Аз ин хотир, таваҷҷӯҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба ин самт равона гашта, сиёсати маорифпарварона дар меҳвари он аст.Таваҷҷуҳи хосаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки марҳила ба марҳила соҳаи маориф босуръат рушд ёфта, мутахассисони ба бозори меҳнат ҷавобгӯ омода мешавад. Бегуфтугӯ, саҳми муассисаҳои таълимӣ дар таълиму тарбияи насли ҷавон ва омодасозии мутахассисон ниҳоят бузург аст.

Худшиносӣ аз давроне, ки ҷомеаи инсонӣ ба шакли муайян даромад ва эҳтиёҷ ба назму тартиби муносибати ичтимоӣ ба миён омад, ба масъалаи аввалиндараҷа дар ташаккули шахсият ва тахавули миллату давлат табдил ёфт.Тибқи устураҳои Юнони бостон дар ибодатгоҳи Хамон замонҳо бо хати заррин навишта буданд, ки "Худро бишнос!". Ин ҷумлаи амиро, ки ба яке аз ҳафт ҳакими машҳури Юнонзамин нисбат медоданд, ки онро олимони баъдӣ шарҳу тафсири зиёд додаанд. Дар ин маврид адиб ва мутафаккири бузург Лев Толстой барҳақ гуфтааст: "Бузургтарин дониш худшиносист. То худро нашиносӣ, офаридгоратро наҳоҳӣ шинохт".

Аммо, сарчашмаи ҳама гуна донишу фазл ақл аст, дар ин маврид, паёмбар Муҳаммад (с) "ақли комил"-ро асоси хештаншиносӣ фармудааст. Дар ин хусус ҳадиси саҳеҳ низ боқист:"Ақл ба 3 қисмат аст, ҳар кӣ ҳамаро дорад, ақлаш комил, ҳар кӣ ҳеҷ якеро надорад, беҳирад аст, ақли комил-худро дуруст шинохтан хуб итоат кардан ва сабри неку дар анҷоми вазифа аст". Аз ин хулоса мешавад, ки худшиносӣ аввалин нишонаи ақл аст. Ҳамин гуна мавкеъгирӣ ва хулосаро дар фалсафаи Юнони Қадим ва Аврупои асримиёнагӣ, дар массехияту таълимоти Конфутсий ва ҳатто дар таълимоти марксизм низ дидан мумкин аст. Карл Маркс гуфта буд, ки "худшиносӣ шарти аввалини хирадмандист". Бузургони адабу фарҳанг низ ба ин масъала аз пахлуҳои гуногун дахл кардаанд ва қариб хулоса як аст: "Инсон танҳо дар зиндагии иҷтимоӣ, касбӣ ба камол мерасад ва рӯҳи он аз тарбияти ақл шуруъ мешавад, ки масолеҳаш илму дониш аст".

Худшиносӣ ба адабу маънавиёт низ решапайванд аст, аммо, ин ҳар дуро сарчашма боз ҳам худҷӯӣ ва ниҳояти мавкеи худро шинохтан аст. Доиман аз ғафлат дур будан шарти асосии расидан ба худшиносист, зеро инсони ғофил мушобеҳи ҳайвонест, ки ғайр аз хурдану нӯшидан фаъолияти дигаре надорад. Ба қавли Бедил:



Зумрия АСОЕВА
донишҷӯи соли 2

**Гову хар аз тарбият инсон
намегардад, вале,
Одамӣ гар як даме ғофил
шавад, хар мешавад.**

Ҳар ҷавон бояд донад, ки моҳияти ҳастии ӯ чист ва дар зиндагӣ чи накшу мақом дорад. Ҳамчунин, маърифати дигарон ва муҳит барои худшиносии ӯ заминаи васеътаре фароҳам меорад. Шинохти муҳит пайваста инсонро ба маърифати ҷомеа ва миллату давлат роҳнамоӣ мекунад.

Бояд ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ барои абадӣ пойдор будани сулҳу ваҳдат дар ҷомеа ва истиқлолият дар Ватани азизамон саҳмгузор бошад. Дар робита ба ин ин масъала Пешвои миллат барҳақ қайд намуданд, ки "дар замири ҳар як фарди ҷомеа тарбия кардан ва таҳкиму тақвият бахшидани ҳисси баланди ватандӯстиву ватандорӣ, худшиносии миллӣ, эҳтиром ба арзишҳои маънавӣ ва муқаддасоти миллӣ аке аз омилҳои муҳими пойдории давлати соҳибистиқлол мебошад".

# КОНСТИТУТСИЯ ВА АҲАМИЯТИ ОН



**Даврон НАЗИРМАДЗОДА**
**кормани дастгоҳи**
**суди шаҳри Душанбе**

**Инсоният дар тӯли мавҷудияти худ ба дастовардҳое ноил гардидааст, ки ба нафъи ҷомеа ва давлат мебошанд. Дар сатҳи идоракунии давлатӣ муваффақиятҳои зиёд ба даст оварда шудааст, ки яке аз ин муваффаққиятҳо қабули Конститутсия чун ҳуҷҷати таърихӣ ва сиёсию ҳуқуқӣ мебошад. Конститутсия чун ҳуҷҷати асоситарини давлатӣ таърихи зиёда аз дусадсола дорад, ки дар ин даврон бо шарофати ин санади ҳуқуқӣ дигаргуниҳои куллӣ дар ҳама сатҳи ҷомеа ба миён омад. Албатта, Конститутсия дар ҷомеаи имрӯза ба сифати сарчашмаи низоми ҳуқуқии аксар давлатҳои ҷаҳони муосир ба шумор рафта, дар муқаррарнамоӣ, устуворкунӣ ва танзимнамоии муносибатҳои муҳими давлатию ҷамъиятӣ нақши басо муҳим мебозад.**

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз даврони ташкилшавии худ, аниқтараш дар ҳайати ИҶШС Конститутсияҳои худро қабул намуд, ки онҳо барои давлати тоҷикон, пойдориву устувории ҳокимияти давлатӣ ва сохтори конститутсионӣ аҳамияти махсусро ишғол менамуд. Баъд аз бадастоварии Истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон Конститутсияи худро дар ин даврон қабул намуд, ки дар ҳаёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ин як навъ саҳифаи таърихӣ ба шумор меравад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд, ки «Конститутсия ҳамчун бахтномаи миллат ва санади бунёдии сиёсӣ роҳи минбаъдаи пешрафту тараққиёти давлати озоду демократии моро муайян менамояд. Воқеан, Конститутсия дар рушду тараққиёти давлат ва ҷомеа нақши муассир мебозад ва асос барои инкишофи тамоми соҳаҳои ҷамъиятӣ мегардад.

Шакли Конститутсия яке аз масъалаҳои муҳим дар сатҳи илми ҳуқуқшиносӣ, махсусан дар сатҳи илми ҳуқуқи конститутсионӣ ба ҳисоб меравад. Масъалаи мазкур мазмунан ҷавҳари асосӣ барои Конститутсия мебошад.

Мавқеи Конститутсия дар муайян кардани мазмуну таъиноти қонунҳои нави сершумор ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон, дар татбиқи асосҳо ва заминаҳои нави давлатдорӣ хеле калон аст. Аз ин рӯ, Конститутсия ва ҳолату меъёрҳои он дар ташаккулёбии низоми ҳуқуқӣ ва қонунгузории ҷумҳурӣ, дар пойдор гардидан ва камолоти давлатдорӣ дар Тоҷикистон аҳамияти калон доранд.




Моҳияти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи ирода ва манфиати халқи ҷумҳурӣ буда, мувофиқи иродаю манфиати қувваҳои сиёсии дар ҷомеа ҳукмрон меъёрҳое муқаррар мекунад, ки таркиби сохтори ҷамъият, сохтори давлат, вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, низом ва тартиби ташкилу фаъолияти мақомоти давлатӣ, мақомоти худидораи маҳаллӣ, ҳолати ҳуқуқии шахсони мансабдор ва салоҳияти онҳоро муайян менамояд. Мазмуни иродаи ба шакли конститутсияи ҳуқуқӣ даровардашуда, халқ бояд ба конститутсияи ҳақиқӣ, яъне шароити моддӣ , маънавӣ, ичтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҳаёти ҷамъияти мувофиқат кунад, ба шумор рафта, инъикосгари ҳама паҳлуҳои Конститутсия чун қонуни асосии давлат мебошад. Дар заминаи шакли худ Конститутсия дар шакли муайян барасмият даровarda мешавад.

Меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашмаи асосгузорандаи на фақат соҳаи ҳуқуқи конститутсионии ҶТ, балки ҳамаи дигар соҳаҳои ҳуқуқии ҷумҳурӣ: маъмурӣ, маданӣ, ҷиноӣ, мурофиавӣ, соҳибкорӣ, никоҳу оила, меҳнатӣ, экология, молия ва ғайра мебошад. Ин меъёрҳо чи бевосита ва чи ба воситаи меъёрҳои ҳамаи дигар соҳаҳои ҳуқуқ, инчунин низоми қонунгузории ҷумҳурӣ татбиқ мегарданд.

Ҳамчун манбаи асосии қонунгузории ҷумҳурӣ Конститутсия меъёрҳои ҳуқуқиеро дарбар мегирад, ки хусусияти асосгузоранда доранд. Дар конститутсияи ҷумҳурӣ асоси таснифи қонунҳо, аз ҷумла қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳои ҷорӣ ва кодексҳо пешбинӣ карда шудааст. Масалан, мувофиқи моддаи 7 тартиби таъсис ва тағйири воҳидҳои маъмурию ҳудудиро қонуни конститутсионӣ танзим менамояд. Конститутсия қабули 14 қонунҳои конститутсиониро пешбинӣ кардааст, ки онҳо дар асос ва мувофиқи меъёру ҳолатҳои он қабул карда мешаванд;

Мазмун ва таъиноти қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳои ҷорӣ бояд ба конститутсия мувофиқ оянд, дар ҳолати мувофиқ наомадан, меъёрҳои конститутсионӣ амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи конститутсияанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд.

Санадҳои байналмилалие, ки хилофи Конститутсияи Тоҷикистон мебошанд, набояд аз тарафи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шаванд. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд.

Ҳамин тариқ, ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дар Тоҷикистон қабул мешаванд, набояд бар хилофи Конститутсия бошанд, дар ҳолати баръакс қувваи ҳуқуқии онҳо аз эътибор соқит карда мешавад.

# СИЁСАТИ МАОРИФПАРВАРОНА



**Фируз БОБОЕВ**
**магистри соли 2**

Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун омили таъсиррасон ба шуури ҳуқуқии шаҳрвандон мебошад. Зимни суханрониҳои хеш Пешвои миллат қайд карда буданд, ки сиёсати давлатиро бояд дар самти шуури ҳуқуқии шаҳрвандон ҷоннок гардонем. Зеро баланд бардоштани шуури ҳуқуқии шаҳрвандон дар таҳкими пояҳои давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ нақши калидӣ мебозанд. Маҳз бо шарофати Сарвари давлат ва сиёсати пешгирифтаи ӯ ҳамасола дар минтақаҳои гуногуни мамлакат аз ҳисоби буҷети давлат ва соҳибкорони ватаниву бурунмарзӣ муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва кӯдакистонҳо сохта, ба истифода дода мешаванд. Дар ҳама давру замон муассисаҳои таълимӣ ҳамчун маконе ҳисоб меёфт, ки хонандагонро дар рӯҳияи ватанпарастӣ, эътирофи арзишҳои фарҳангӣ ва пос доштани муқаддасоти миллӣ тарбия менамуданд.

Барои боз ҳам такмил додани пешрафти омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ Пешвои муаззами миллат пешниҳод намуданд, ки “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” солҳои 2020-2040 эълон карда шавад. Иқдоми пешгирифтаи Сарвари давлат барои баланд бардоштани шуури ҳуқуқии шаҳрвандон буда, мақомотҳои дахлдорро вазифадор намуданд, ки баҳри амалигардонии ин ниятҳо, чораҳои зарурииро андешанд.

Мардуми тоҷик таъриху тамаддуни қадима дорад ва ҳар яки мо бояд ба таърихи ниёгони худ арҷ гузорем. Дар Паёми навбатии худ ба Парлумони кишвар Ҷаноби Олӣ қайд карданд ва дастур доданд, ки китоби “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуровро аз номи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намуда, ба ҳар як хонадони Тоҷикистон тариқи ройгон тақдим намоянд. Ҳукумати мамлакатро вазифадор намуданд, ки то ҷашни 30 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр ва паҳнкунии китоби таърихии мардуми тоҷикро ба анҷом расонанд.

Таърихи тоҷикон таҷассумгари ҷавонмардӣ, қаҳрамонӣ ва ватандӯстӣ буда, то ба имрӯз ин арзишҳои ниёгон ба чашм намоён аст, зеро маҳз бо шарофати омӯзиши таърих шуури фарҳангӣ ва ҳуқуқии мо ташаккул меёбад. Чи тавре ки Пешвои миллат қайд карда буданд: “Таърихи пуршарафи халқи тоҷик як мактаби бузурги худогоҳист ва мо бояд онро бихонем, саҳифаҳои дурахшони қаҳрамонону аъмоли гузашта, таҷрибаҳои ибратбахши ниёгонамонро омӯзем, онҳоро ҳамчун ғояи ватандӯстӣ ва садоқат ба Ватан тасдиқ намоем.”

Мо бояд дар баробари суханҳои роҳбари давлат кӯшиш кунем, ки заррае ҳам бошад саҳми худро вобаста ба баланд бардоштани аҳлоқ, фарҳанг ва шуури ҳуқуқӣ гузорем. Тарбияи дурусти фарзандон, ба роҳи рост равона кардан ва ҳурмати калонсолонро ба ҷо овардан ин қадами нахустини мо барои баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ мебошад, зеро аз овони кӯдакӣ агар дар оила ба ҳамин арзишҳо диққати махсус дода шавад, дар оянда фарзандони мову шумо ҳамчун шахсони бомаърифат, шуури баланди ҳуқуқӣ ва дорои ахлоқи ҳамида ба воя мерасанд.

Омӯзиши фанҳои таълимӣ ва тарбияи ҳамидаи инсонӣ қудуми нахустини ҳар як фард барои ноил шудан ба мақсадҳои худ мебошад. Дар арсаи ҷаҳонӣ яке аз омилҳое, ки эътироф мекунанд ин саводнокии аҳолии ин ё он мамлакат мебошад. Зеро, ҷомеаи ба камолрасида ин пешравии мамлакат буда, имрӯз Сарвари давлат самти тафаккури ҷомеаро ба сӯи эҷодкориву навоварӣ ва ободкорӣ равона намудааст.

Ҳалқи Тоҷикистон хизматҳои бузурги Қаҳрамони Тоҷикистон, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмонро дар роҳи бунёди сулҳи тоҷикон, суботу оромӣ дар ҷомеа, эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона, амалӣ намудани ислоҳоти бузурги иқтисодию сиёсӣ, аз ҷумла, таъмини амнияти Тоҷикистон, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, баровардани Тоҷикистон аз бунбасти коммуникатсионӣ, ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун давлати муосири демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандидошта муаррифӣ намудани Тоҷикистон дар сатҳи қонуни конститутсионӣ қадр менамояд.

Мо, ҷавонон, бахусус ҷавонони даврони Истиқлолият ифтихор мекунем, ки давлати соҳибистиқлол ва Сарвари дилсӯзу ғамхор дорем ва дар тӯли 29 соли Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кулли соҳаҳо ба пешрафти азим ноил гардидаем, хонаамон, зиндагиамон обод шуд. Мо хушбахт аз он ҳастем, ки дар даврони Истиқлолият ба олами ҳастӣ чашм кушодаем. Шукргузорӣ мекунем, ки ба озодӣ расидем, Ватани азиз ва диёри азизи арҷманд дорем, аз ҳавои софу беғубори он нафас кашида, озодона умр ба сар мебарем. Вақте ки мо, ҷавонони соҳибистиқлол ба дунё чашм кушодаем, халқи мо ба орзуи деринаи худ – Истиқлолияти давлатӣ расида буд. Мо ҷавонон ва кулли мардуми Тоҷикистон бояд ба қадри ин неъмати бебаҳо, ба қадри ҳар зарра хок ва ҳар катра об бирасем, Ватани азизамон Тоҷикистонро дӯст дореми ва аз Ватану миллати худ ифтихор дошта бошем. Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар як суханронии худ таъкид мекунанд, киояндаи ин марзу бум, созандагиву ободкории миллату тақдириояндаи ин давлат дар дасти ҷавонон аст ва ҷавонон ояндаи имрӯзу фардои давлату миллат мебошанд. Мо, бояд ба қадри ин суханони Пешвои миллат бирасем ва дар рушду нумӯи Ватанамон бо меҳнати софдилона саҳми арзандаи худро гузошта, ба Ватану модар ва миллатамон хизмат кунем.

# КОНСТИТУТСИЯ ВА КАФОЛАТИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲО




**Конститутсия бахтномаи ҳар як миллату давлат ва рукни соҳибихтиёрии он ба шумор меравад. Барои расидан ба ҳадафҳои бузург ва тақдирсоз қабули ин санад басо арзишманд маҳсуб ёфта, дурнамои давлатдории навини кишвар дар он ифода гардидааст. Бинобар ин муҳимияти хоси худ, соли 1994 Конститутсияи Тоҷикистон қабул гардида, то ин дам марҳилаҳои зиёди инкишофёбиро низ паси сар намудааст.**

**Баъди имзои Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон давраи нави инкишофи конститутсионӣ оғоз гардид. Ба монанди таъмини воқеии якпорчагии давлат ва ваҳдати миллӣ, барқарор намудани ҳоҷагии халқ, густариши фаъолияти мақомоти конститутсионӣ, таъмини волоияти қонун, тартиботи ҳуқуқӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва ғайра.**



**Мехрона САИДВАЛИЕВА**
**донишҷӯи соли 1**




Дар натиҷаи ҳалли ин вазифаҳо имкони такмили Конститутсияи ҶТ фароҳам омад. Бо мақсади таъмини сулҳи бадастомадаи тоҷикон ва давом додани ислоҳоти конститутсионӣ 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба Конститутсияи ҶТ се маротиба тағйиру иловаҳо ворид карда шуд. Дар натиҷаи ин тағйиру иловаҳо заминаи ҳуқуқӣ барои ислоҳоти соҳаи идораи давлатӣ, такмили сохтори ҳокимияти давлатӣ, ташаккули унсурҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, амалӣ гаштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, фаъолнокии шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ, вусъати соҳибкории хурду миёна ва ғайра ба миён омад. Давраи пас аз қабули Конститутсияи ҶТ воқеан давраи амалӣ гаштани меъёрҳои он аст.

Конститутсия, ки худ ҳуҷҷати тақдирсози миллат аст, дар он меъёрҳое ифода мегарданд, ки ба мавҷудияти як миллат ва давлат алоқамандӣ дошта, барои шаҳрвандон муқаддас ҳисобида мешавад. Баъзе меъёрҳои Конститутсия хусусияти дурнамоӣ дошта, марҳила ба марҳила амалӣ мегарданд.

Халқи тоҷикон Конститутсияи кишварро бо масъулияти баланди шаҳрвандӣ қабул намудаанд. Ин мароми халқ дар дебоҷаи Конститутсия ифода гашта, далел бар он аст, ки халқи мо мисли халқҳои ҷаҳони мутамаддин аз ҳуқуқу озодиҳои дахлнопазир ва фитрӣ бенасиб буда наметавонад. Андешаи ҳуқуқҳои фитрии инсон дар шакли қонунӣ аввал дар мамолики Ғарб ифода гаштаанд, вале набояд фаромӯш кард, ки аҷдодони мо ҳанӯз дар аҳди Ҳахоманишиён, дар қарни панҷуми пеш аз мелод дар Эъломияи Куруши Кабир нахустин бор аз ҳуқуқҳои инсон ҳарф зада буданд.

Конститутсияи ҶТ нахустин санади конститутсионӣ дар таърихи тоҷикон мебошад, ки аз ҷониби худи халқ, бевосита дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст. Онро халқи Тоҷикистон бо ҳисси баланди масъулиятшиносӣ дар назди наслҳои гузашта, ҳозира ва ояндаи аҳолии кишвар, дарку эҳсоси таъмину ҳимояи соҳибихтиёрии давлати худ ва рушду камоли он қабул намудааст. Ин меъёри воқеан таърихӣ дар дебоҷаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сабт гардида, мазмуни ғанӣ ва аҳамияти дар воқеъ калони таърихӣ дорад. Халқи Тоҷикистон Конститутсияи хешро қабул намуда, дар риоя ва иҷрои меъёрҳои он масъул ва вазифадор мебошанд. Ҳамзамон тибқи Конститутсияи кишвар давлат ваҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд.

Сохтани давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар робита бо озодиҳои воқеии инсон, таъмини ҳуқуқҳои аввалиндараҷа ва фитрии ҳар аъзои ҷомеа сурат мегирад. Танҳо дар давлати ҳуқуқбунёд шахс воқеан озод буда метавонад. Ҳамзамон бунёди иқтисоди бозор, инкишофи мунсибатҳои нави иқтисодӣ бо иштироки шахсони хусусӣ, вусъати соҳибкорӣ ва шаклҳои дигари фаъолияти озоди иқтисодӣ танҳо бо иштироки шахсони озод, таъмини ҳуқуқи конститутсионии онҳо ба моликиятдории хусусӣ ва фаъолияти озоди иқтисодӣ имконпазир мегардад. Аз ин нуктаи назар, амалӣ шудани меъёрҳои Конститутсия дар бобати ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд маънои сохтмони давлати ҳуқуқбунёд, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, пойдории муносибатҳои нави иқтисодиву моликиятиро дорад. Табиист, ки бунёди сохторҳои давлати ҳуқуқӣ, иқтисоди бозор ва ҷомеаи шаҳрвандӣ муддати тӯлониро талаб мекунад. Аз ин рӯ, ҳуқуқу озодиҳои дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон шуда, ба пуррагӣ ва дар як вақти кутоҳ амалӣ намешаванд.

**Амалӣ шудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар тамоми давраҳои инкишофи ҷомеа сурат мегирад, чунки онҳо мутааллиқ ба инсон мебошанд. Вазифаи давлат таъмини шароити мусоид барои амалӣ гаштани ҳуқуқу озодиҳои одамон аст. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки чун фитрӣ ва дахлнопазир дар Конститутсия эълон шудаанд, давра ба давра, бо фароҳам омадани шароити кофии иқтисодиву иҷтимоӣ, сиёсиву фарҳангӣ амалӣ мешаванд. Танҳо дар ҳолати иҷрои бемайлони вазифаҳои конститутсионӣ дар ҷомеа низому субот, тартибу устуворӣ пойдор мегардад. Иҷрои вазифаҳои конститутсионӣ ба хотири маҳз таъмини волоияти Конститутсия ва қонунҳо, таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, амнияти давлат ва ҷомеа равона мешавад. Амалӣ шудани ҳуқуқу озодиҳо низ танҳо дар ҳолати ҳукмфармо будани қонуният, тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳуқуқӣ, амният ва сулҳу субот дар ҷомеа имконпазир мегардад.**

